Замимаи 1
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз « 29 » ноябри соли 2024, №627

# Стратегияи миллии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040

## 1. МУҚАРРАРОТИ УМУМӢ

1. Стратегияи миллии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 (минбаъд - Стратегияи миллии об) ҷиҳати иҷрои ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таҳия шудааст.

2. Стратегияи миллии об принсипҳои асосии сиёсати давлатиро дар соҳаи истифода ва ҳифзи захираҳои об, ҳадафҳои дарозмуддати стратегии идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об, самтҳои асосии фаъолият оид ба истифода ва ҳифзи захираҳои обро бо дарназардошти манфиатҳои тамоми истифодабарандагони об ва дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон, муҳофизат аз таъсири манфии об дар шароити тағйирёбии иқлим муайян менамояд.

3. Стратегияи миллии об ба таъмини татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор, инчунин иҷрои уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим дар соҳаи об равона гардидааст.

4. Стратегияи миллии об қабул ва татбиқи қарорҳоро оид ба такмили қонунгузории амалкунандаи об, сохтори институтсионалии идоракунии захираҳои об, банақшагирӣ, истифода ва ҳифзи захираҳои оби ҳавзаҳои дарёҳо, сарфаи об, пешгирии таъсири манфии об, афзоиши сармоягузорӣ ва маблағгузории соҳаи об, беҳтар намудани таъмини иттилоотии соҳаи об, барқарорсозӣ ва бунёди инфрасохтори таъмини об ва санитария, баланд бардоштани сатҳи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ ва фароҳам овардани шароит барои ҳамкории самарабахш байни иштироккунандагони муносибатҳои обро пешбинӣ менамояд.

## 2. ВАЗЪИЯТИ КУНУНИИ СОҲАИ ОБ ВА МУШКИЛОТИ АСОСИИ ОН

## §1. Захираҳои об

5. Дар Тоҷикистон ба ҳисоби миёна ҳамасола тақрибан 64 км³ оби рӯйизаминӣ ташаккул меёбад, аз ҷумла 1,1 км³ дар ҳавзаи Сирдарё ва 62,9 км³ дар ҳавзаи Амударё.

6. Миқдори пиряххо дар кишвар 14 509 адад мебошад. Масоҳати умумии пиряххо 11 146 км² буда, 8 дарсад ҳудуди кишварро ташкил медиҳад. Захираи умумии ях дар пиряххо тақрибан 845 км³ мебошад.

7. Ҳаҷми захираҳои об дар 1300 кӯли табиӣ 46,3 км³-ро ташкил медиҳад, ки аз он 20 км³ оби тоза мебошад. Дар маҷмуъ дар кишвар 11 обанбор мавҷуд аст, ки ҳаҷми умумии онҳо 15,3 км³ буда, ҳаҷми фоиданоки онҳо тақрибан 7,63 км³ мебошад.

8. Дар соли 2023 нишондиҳандаҳои қиёсии обҳои рӯйизаминии ташаккулёбанда ба ҳар сари аҳолӣ тақрибан 6400 м³/одам/солро ташкил медиҳад, ки ин аз нишондиҳандаи 1700 м³/одам/сол, ки ба ҳар сари аҳолӣ кофӣ ҳисобида мешавад, хеле зиёд аст. Дар баробари ин, бояд дар назар дошт, ки меъёр (миқдор)-и дар асоси созишномаҳои минтақавӣ барои Тоҷикистон ҷудошуда ҳамагӣ 1400 м³/одам/солро ташкил медиҳад, ки табиатан омили маҳдудкунандаи истифодаи кофии об дар кишвар мебошад.

9. Захираҳои эҳтимолии обҳои зеризаминӣ 18,7 км³/солро ташкил медиҳанд, захираҳои истифодашаванда бошад 2,8 км³/сол ҳисоб карда мешаванд.

10. Дар ҳудуди ҷумҳурӣ зиёда аз 200 манбаи оби маъданӣ ба қайд гирифта шудааст. Дар минтақаҳои ташаккули таҳшинҳои палеозой ва ҷинсҳои магмавӣ 86 чашмаи табиии обҳои карбонӣ ва нитрогенӣ ба қайд гирифта шудааст, ки тақрибан 70 адади онҳо дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ҷойгиранд. Манбаъҳои дорои дебити баландтарин Обигарм ва Хоҷа-Обигарм ба ҳисоб мераванд, ки дар қаторкӯҳҳои Ҳисор воқеъ гардидаанд. Дар маҷмуъ тақрибан 100 чашма ва кони обҳои геотермалӣ муайян карда шудаанд.

## §2. Истифодаи захираҳои об

11. Захираҳои оби дар Тоҷикистон асосан барои таъмини ниёзҳои таъмини оби ошомиданӣ, кишоварзӣ, гидроэнергетика, саноат, моҳидорӣ, фароғату истироҳат ва муҳити зист истифода мешаванд. Навъи афзалиятноки истифодаи об таъмини оби ошомиданӣ мебошад.

12. Тоҷикистон ҳамагӣ 20 дарсади захираҳои оби дар ҳудуди худ ташаккулёбандаро истифода мебарад. Воқеан, истеъмоли умумии об дар Тоҷикистон аз чашмаҳои обҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминӣ дар охири солҳои 80-ум ва аввали солҳои 90-уми асри XX беш аз 14,0 млрд км³/солро ташкил медод ва дар айни замон 13,0 млрд км³/солро ташкил медиҳад. Ин маънои онро дорад, ки дар айни замон истеъмоли воқеии об

ба ҳар сари аҳолӣ ба 1300 м³/одам/сол мерасад. Ҳаҷми оби бозгашт тақрибан 3,5-4,0 км³/солро ташкил медиҳад, ки аз он 3,0 км³ обҳои заҳбури заминҳои обёришаванда, 0,50 км³ оби партови маишӣ ва саноатӣ мебошад.

13. Тибқи нақшаҳои истифодаи маҷмуӣ (комплексӣ) ва ҳифзи захираҳои оби ҳавзаҳои Амударё ва Сирдарё, ки дар созишномаҳои минтақавӣ эътироф шудаанд, барои Тоҷикистон маҳдудаи обгирӣ аз маҳзанҳои захираҳои об дар ҳаҷми 14,3 млрд м³/сол пешбинӣ шудааст.

14. Истифодабарандаи асосии об дар Тоҷикистон соҳаи кишоварзӣ мебошад, ки тақрибан 85 дарсад захираҳои оби аз манбаъҳои табиӣ гирифташударо ташкил медиҳад. Ба ҳиссаи таъмини оби ошомиданӣ -5 дарсад, саноат -5 дарсад, моҳипарварӣ -0,8-1,5 дарсад аз ҳаҷми умумии истифодаи об рост меояд. Гидроэнергетика, фароғату истироҳат ва муҳити зист дар воқеъ истифодабарандагони об мебошанд, ки захираҳои обро ба таври бебозгашт истеъмол намекунанд.

15. Ҳукумати Тоҷикистон соҳаи гидроэнергетикаро тараққӣ дода, сохтмони неругоҳи барқи обии Роғунро идома медиҳад ва ҳамчунин объектҳои энергетикиро таҷдид менамояд, ки онҳо метавонанд то соли 2050 тавлиди неруи баркро ду баробар зиёд кунанд. Иқтидори умумии неругоҳҳои барқи обии кишвар 5403 МВт буда, неруи барқи дар онҳо тавлидшаванда ба ҳисоби миёна ба 20 млрд кВт /соат мерасад.

16. Обанборҳои таъиноти маҷмуӣ дар кишвар неруи барқ тавлид мекунанд ва бо оби ошомиданӣ, обёрӣ ва техникӣ таъмин мекунанд, хавфи обхезиҳоро коҳиш медиҳанд, таъсири манфии тағйирёбии иқлимро коҳиш медиҳанд, инчунин ба рушди захираҳои фароғатӣ (рекреатсионӣ) мусоидат мекунанд.

## §3. Самаранокии истифодаи захираҳои об

17. Дар Тоҷикистон ҳаҷми миёнаи обгирӣ ба 1 гектар майдони обёришаванда аз 8,0 то 13,0 ҳазор м³ буда, талафоти оби полезӣ дар шабакаҳои обёрӣ ба 40-50 дарсад мерасад.

18. Гузаронидани чорабиниҳои зиддиполоишӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои сарфаи об дар кишвар ҳанӯз нокифоя аст. Майдони замине, ки бо технологияҳои сарфаи об обёрӣ карда мешавад, ҳамагӣ 2500 гектар ё тақрибан 0,35 дарсади майдони умумии обёришавандаро ташкил медиҳад. Зиёдшавии истифодаи технологияҳои сарфаи об аз ҷониби худи деҳқонон сол то сол меафзояд.

19. Обистифодабарии аз лиҳози технологӣ ва техникӣ ғайрисамарабахш дар зироаткории обёришаванда ба баланд шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ, шӯршавӣ ва ботлоқшавӣ, эрозияи замин ва ба биёбон мубаддалшавӣ мусоидат намуда, дар натиҷа ҳолати мелиоративии 60 ҳазор гектар замин бад мешавад.

20. Самаранокии истифодаи об дар шабакаи таъмини оби ошомиданӣ низ паст буда, талафоти об то 60 дарсад мерасад. Обгирӣ дар мавзеъҳои фарогирии хизмати ташкилотҳои оби ошомиданӣ ва оби партов, ба ҳисоби миёна ба як нафар тақрибан 250 литр дар як шабонарӯзро ташкил медиҳад, дар ҳоле ки истеъмолкунандагон тақрибан нисфи ҳаҷми оби нишондодаро мегиранд. Таносуби мавҷудаи обгирӣ ва истеъмоли аҳолӣ бо талафоти танзимнашавандаи техникӣ ва тиҷоратӣ, инчунин мавҷуд набудани баҳисобгирии мувофиқ алоқаманд мебошад.

21. Такроран истифода бурдани об ба баландбардории самарабахшии истифодаи он таъсири калон мерасонад. Бо вуҷуди ин, танҳо тақрибан 1 дарсади обҳои заҳкашу заҳбур ва партови кишвар барои мақсадҳои гуногун дубора истифода мешаванд.

22. Дар соли 2023 бо дарназардошти ҳаҷми солонаи истеъмоли об ва маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар барои 1м³ масрафи об 11 сомониро (қариб 1,0 доллари ИМА/м³) ташкил медиҳад. Аз рӯйи соҳаҳо ин нишондиҳанда чунин мебошад: дар кишоварзӣ–2,5-3,1 сомонӣ/м³, дар саноат–92,0 сомонӣ/м³, дар гидроэнергетика–0,23 сомонӣ/м³. Маҳсулнокии об дар кишвари мо, масалан, дар муқоиса бо Иёлоти Муттаҳидаи Амрико паст мебошад, ки дар он кишвар он ба ҳисоби миёна тақрибан 800 сомонӣ/м³ -ро ташкил медиҳад. Дар Ӯзбекистон ин нишондод 15,4 сомонӣ/м³-ро ташкил медиҳад.

23. Нишондиҳандаи муҳимми маҳсулнокии иқтисодии истифодаи об ҳосилнокии зироатҳои гуногуни обёришаванда мебошад. Масалан, ин нишондиҳанда барои пахта — 0,74 сомонӣ/м³, ғалла — 0,64 сомонӣ/ м³ мебошад. Тибқи таҳлилҳое, ки дар асоси маълумоти таърихии Созмони озуқа ва кишоварзии СММ ва Бонки Ҷаҳонӣ анҷом дода шудаанд, самарабахшии об дар соҳаи кишоварзӣ ва саноат тақрибан ду баробар афзудааст.

24. Ҳосилнокии паст ё истифодаи ғайрисамарабахши захираҳои об бо омилҳои зерин алоқаманд мебошанд:

- истифодаи технологияҳои куҳнашудаи истеҳсолоти обталаб;
- сатҳи баланди талафоти об ҳангоми интиқол;
- дараҷаи нокифояи муҷаҳҳаз будани таҷҳизоти иншоотҳои обгирӣ ва истифодабарандагон бо системаҳои баҳисобгирӣ;
- фарсудашавии физикӣ ва куҳнашавии объектҳои алоҳидаи инфрасохтори хоҷагии об;
- риоя нагардидани реҷаи муайяншудаи обёрии зироатҳои кишоварзӣ аз ҷониби деҳқонон;
- мавҷуд набудани механизмҳои самарабахши иқтисодие, ки истифодабарандагони об ва корхонаҳоро ба татбиқи фаъолонаи технологияҳои пешрафтаи сарфаи об, парвариши зироатҳои сердаромад, шабакаҳои коркард ва истифодаи такрорӣ ва пайдарпайи обтаъминкунӣ ва коҳиш додани талафоти об ҳавасманд мекунанд.

## §4. Норасоии захираҳои об

25. Норасоии захираҳои об дар ноҳияҳои алоҳидаи кишвар асосан дар давраҳои камобӣ мушоҳида мешавад ва бо сабабҳои зерин ба вуҷуд меояд:

- тақсимоти нобаробари захираҳои об дар ҳудуди Тоҷикистон;
- маҳдуд будани имкониятҳои танзими обанборҳо ва мавҷуд набудани теъдоди кофии обанборҳо барои қонеъ кардани талаботи аҳолӣ бо об, соҳаҳои кишоварзӣ, саноат ва моҳипарварӣ;
- талафоти об дар натиҷаи бад шудани вазъи инфрасохтор, ки боиси зиёд шудани ҳиссаи талафоти ғайритиҷоратӣ мегардад;
- тағйирёбии меъёри боришот ва баландшавии ҳарорат дар натиҷаи тағйирёбии иқлим, ки дар натиҷа эҳтимолияти коҳишёбии маҷрои об, пур шудани захираи обҳои зеризаминӣ ва тағйир ёфтани реҷаи обёрӣ зиёд мегардад;
- ҳамбастагии нокифояи истифодаи захираҳои об дар минтақаҳои алоҳидаи таъмини об.

26. Бартараф ё ба таври назаррас коҳиш додани норасоии захираҳои об барои таъмини оби ошомиданӣ ва соҳаи кишоварзӣ дар вилоятҳои Суғду Хатлон метавонад тавассути кам кардани талафоти об дар шабакаҳои обтаъминкунӣ ва обёрӣ, гузаштан ба технологияҳои каммасрафи обёрӣ ва бунёди обанборҳо таъмин карда шавад.

27. Мушкилоти мавҷудаи об дар поёноби дарёҳои Исфара, Хоҷабоқирғон, Исфана, Даҳанасой, Каттасой, Қизилсу ва Яхсу таҷдид ва навсозии маҷмуи хоҷагии обро бо роҳи беҳсозии истифодаи ҳамгироёнаи захираҳои об барои эҳтиёҷоти обтаъминкунии аҳолӣ, истеҳсолоти кишоварзӣ ва саноатӣ, сарфаи об ва бунёди обанборҳои хурди дорои таъиноти маҷмуӣ талаб менамояд.

## §5. Тағйирёбии гидрометеорологӣ ва тағйирёбии иқлим

28. Тағйирёбии иқлим ба дастрасии захираҳои об таъсири ҷиддӣ мерасонад. Дар давоми даҳсолаҳои охир, дар Тоҷикистон ҳарорат ба ҳисоби миёна 0,7 - 1,9 дараҷа баланд шуд. Дар натиҷа дар кишвар обшавии пиряхҳо мушоҳида мешавад, ки дар ояндаи миёна ва дарозмуддат боиси кам шудани оби дарёҳо мегардад. Обшавии пиряхҳо дар зери таъсири тағйирёбии иқлим бояд ҳангоми банақшагирии масъалаҳои вобаста ба об, махсусан дар сатҳи ҳавзаи дарёҳо ба назар гирифта шавад.

29. Дар давраи аз соли 1940 то соли 2020 ҳарорати ҳаво дар Тоҷикистон дар ҳар даҳсолаи ин давра аз 0,1ºС то 0,2ºС боло рафт. Шумораи рӯзҳое, ки ҳарорати ҳаво аз 40°С ва аз он баландтар аст, зиёд шуд. Баландшавии нисбатан баланди ҳарорати ҳаво дар ноҳияи Данғара (4,2°С) ва шаҳри Бохтар (2,3°С), дар ноҳияҳои кӯҳӣ 0,3-0,5°С, дар баландкӯҳҳо 0,2-0,4°С ба қайд гирифта шуд. Маълумоти охирини солҳои

2001-2010 нишон медиҳад, ки ҳарорати миёнаи ҳаво дар ҳар даҳсола назар ба ҳарорати миёнаи ҳаво дар минтақаҳое, ки дар баландии 1000-2500 метр аз сатҳи баҳр ҷойгиранд, 0,8°С баланд буд. Шумораи рӯзҳои сербориш зиёд шуда, рӯзҳои бориши барф кам шуд.

30. Дар дурнамои дарозмуддат, моделҳои иқлимӣ тағйирёбии намуди боришот ва баландшавии басомад ва падидаҳои гидрометеорологиро пешгӯйӣ мекунад. Арзёбии коршиносон дар бораи тағйироти пешбинишудаи иқлим афзоиши миқдори бухоршавӣ дар Тоҷикистон ва инчунин эвапотранспиратсияи рустаниҳоро пешбинӣ мекунад. Дар давраи иҷрои стратегия пешгӯйиҳои модели иқлимӣ тағйироти назарраси захираҳои обро нишон намедиҳад, вале онҳо афзоиши обро дар давраи камобии тирамоҳ ва коҳишро дар давраи обхезии тобистона пешбинӣ мекунанд. Равшан аст, ки ин ба обёрии замин, хусусан ба давра, давомнокӣ ва реҷаи обёрии зироатҳои кишоварзӣ таъсир расонда метавонад. Паст шудани сифати обҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминӣ дар натиҷаи болоравии ҳарорат метавонад ба мувофиқ будани истифодаи об барои эҳтиёҷоти маишӣ ва ошомиданӣ таъсири манфӣ расонад. Таъсири манфии тағйирёбии иқлим ба мавҷудияти об аллакай дар обёрӣ, таъминоти оби ошомиданӣ ва обтаъминкунии саноатӣ мушоҳида мешавад.

31. Тибқи нишондиҳандаҳо оид ба арзёбии осебпазирии тағйирёбии иқлим, Тоҷикистон дар байни 28 кишвари Аврупои Марказӣ ва Шарқӣ, Қафқоз ва Осиёи Марказӣ ҷойи аввалро ишғол мекунад. Ноҳияҳои кӯҳистонии маркази Тоҷикистон бештар осебпазир мебошанд. Ноҳияҳои сераҳолии кӯҳии ҷануби кишвар (вилояти Хатлон), инчунин шаҳру деҳоте, ки дар доманакӯҳҳо дар тарафи шимоли қаторкӯҳҳои Зарафшон ва Туркистон (вилояти Суғд) ҷойгиранд, аз рӯйи осебпазирӣ ҷойи дуюмро ишғол мекунанд. Таъсири манфии бештар дар кишоварзии заминҳои лалмӣ ва чарогоҳҳо эҳсос мешавад.

32. Пайомадҳои асосии тағйирёбии иқлими ҷаҳонӣ дар Тоҷикистон аллакай дар зуҳуроти зерин ба таври равшан намоён мебошанд:

- обхезиву сел, ки ба объектҳои инфрасохтор ва иншоотҳои мадании маҳалҳои аҳолинишин зарари калон мерасонанд, инчунин барои аҳолии маҳаллӣ хавфи калон ба вуҷуд меоранд;
- зиёд шудани эрозияи хок дар водиҳои кӯҳӣ, ки боиси фаромадани селобҳо мегардад ва ин минтақаҳоро дар дурнамои миёнамуддат барои зиндагӣ номувофиқ мегардонад;
- хушк шудани чоҳҳо ҳангоми паст шудани сатҳи обҳои зеризаминӣ дар натиҷаи пур нашудани обҳои зеризаминӣ;
- норасоии об барои обёрӣ аз сабаби паст будани сатҳи оби дарёҳо дар мавсими обёрӣ;
- камҳосилӣ аз сабаби хушксолӣ ва норасоии оби обёрӣ;
- афзоиши бемориҳо ва фавти аҳолӣ, махсусан дар минтақаҳои шаҳрӣ бо сабаби болоравии аз ҳад зиёди ҳарорат.

## §6. Таъсири манфии обҳо

33. Таъсири манфии обҳо маҷмуи падидаҳо ва равандҳои гидрологӣ мебошад, ки ба муҳити табиӣ, аҳолӣ, объектҳои иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, инфрасохтор таъсири манфӣ мерасонанд, ки ҳам бо падидаҳои номатлуби табиӣ ва ҳам бо омилҳои техногенӣ алоқаманд мебошанд. Онҳо қисми асосии тамоми офатҳои табиии кишварро ташкил медиҳанд - зиёда аз 70 дарсади ҳолатҳо ва зиёда аз 80 дарсади хисороти расонидашуда ба ҳиссаи онҳо рост меоянд. Дар соли 1998 дар натиҷаи омадани селобҳо беш аз 7000 хона хароб ва беш аз 130 нафар ҷони худро аз даст доданд. Дар соли 2023 дар натиҷаи омадани селобҳо 21 нафар фавтиданд.

34. Тоҷикистон аз рӯйи шумораи одамоне, ки ҳамасола бар асари сар задани обхезӣ ва фаромадани селобҳо мефавтанд, дар қатори даҳ кишвари ҷаҳон қарор дорад, ки хисороти он тақрибан 1,4 дарсади маҷмуи маҳсулоти дохилиро ташкил медиҳад. Дар соли 2020 дар кишвар 213 ҳолати фавкулодаи табиӣ ба қайд гирифта шудааст. Аз 25 офати табиӣ 48 дарсади онро селобҳо ташкил доданд. Дар соли 2020 дар Тоҷикистон хисороти офатҳои табиӣ 58 миллиону 911,4 ҳазор сомониро ташкил додааст. Ба 141 бинои истиқоматӣ осеб расидааст, ки 41 адади он пурра ва 100 ададаш қисман хароб шудааст. Дар байни объектҳо ва иншоотҳои харобгашта: 22 муассисаҳои таълимӣ, 89 километр роҳи маҳаллӣ, 14 пул, 15 километр хатти барқ, 18 817 гектар замини кишоварзӣ мебошанд. Дар ҳисоб бо доллар, аз ҷумла хисорот дар соли 2017 -4,4 миллион доллар, соли 2018 - 3,6 миллион доллари ИМА, 2019 - 3,2 миллион доллари ИМА, соли 2020 - 5,2 миллион доллари ИМА-ро ташкил додааст. Ин талафот барои рушди иқтисодиёти кишвар пайомадҳои ҷиддии манфӣ доранд.

35. Минтақаҳои кӯҳӣ ва водиҳои Тоҷикистон дар баробари таҳдидҳои зиёд осебпазиранд. Боришоти шадид ва дар натиҷа омадани селу обхезӣ, фаромадани тарма, инчунин эрозияи замин, хушксолӣ ва биёбоншавӣ, рахнашавии эҳтимолии кӯлҳои дар баландкӯҳ ҷойгирбуда, ки хавфноктарини онҳо кӯли Сарез мебошад, ҳаракати пиряххо ва эҳтимоли пеши дарёҳои кӯҳиро бастани онҳо ва ғайра таҳдидҳои эҳтимолӣ ба шумор мераванд. Объектҳои алоҳида ва бисёр шаҳракҳо дар минтақаҳое ҷойгир мебошанд, ки дар вазъияти хатари зери об мондан қарор доранд. Буридани ҷангал дар баъзе ноҳияҳои кишвар, инчунин дар қад- қади дарёҳо сохтани иншоотҳо, бахусус дар шаҳрҳо хавфи офатҳои табииро зиёд мекунад.

36. Дар Тоҷикистон, дар маҷмуъ, 1386 км иншооти соҳилмустаҳкамкунӣ ва 710 иншооти зидди сел мавҷуд аст, ки дарозии умумии онҳо 503 километрро ташкил медиҳад. Дар натиҷаи истифодабарии тулонӣ ва таъсири офатҳои табиӣ зиёда аз 50 дарсади ин иншоот хароб гардида, иншооти мавҷудбуда аз селу обхезӣ сахт осеб дидаанд. Барои барқарорсозӣ ва истифодаи ин иншоот ҳамасола

маблағҳои зиёд лозим аст. Аз ҳисоби буҷети давлатӣ пӯшонидани ҳамаи ин хароҷот хеле душвор аст.

37. Захираҳои маҳдуди молиявӣ имкон намедиҳанд, ки инфрасохтори нав барои коҳиш додани хавфи офатҳои табиӣ бунёд шаванд, аз ҷумла обанборҳои гуногунмақсад барои муҳофизат аз сел ва обхезӣ, ки ин хатарҳоро ба таври қобили мулоҳиза кам мекунанд. Барои дар бисёр минтақаҳои кишвар сохтани инфрасохтори нав, релефи доманакӯҳҳо тамоми шароитро фароҳам месозанд.

38. Таъмини муҳофизат аз таъсири манфии обҳо ин коҳиш додани хавфҳо ва ба ҳадди ақал коҳиш додани хисорот, таъмини эътимоднокии иншооти гидротехникӣ, танзими истифодаи иқтисодии ҳудудҳо мебошад. Ба роҳ мондани мониторинг, аз ҷумла пешгӯйӣ ва пешгирии падидаҳои хатарноки гидрологӣ аҳамияти аввалиндараҷа дорад.

39. Мониторинги зуд-зуд харобшавии иншоотҳои муҳофизати соҳилии сохташуда нишон медиҳад, ки барои тарҳрезӣ ва бунёди иншоотҳои боэътимоду устувори соҳилӣ бояд корҳои илмию таҳқиқотӣ бо дарназардошти шароити гидрологӣ, геоморфологӣ ва геотехникии дарёҳои мушаххаси кӯҳии Тоҷикистон анҷом дода шаванд. Барои анҷом додани ин кор, озмоишгоҳҳои махсуси вобаста ба об, мутахассисон ва ҷалби маблағ лозим аст.

## §7. Мушкилоти асосии соҳаи об

40. Таъмини оби ошомиданӣ ва рафъи обҳои партов як бахши муҳимми соҳаи об буда, рушди он аз афзалиятҳои аввалиндараҷаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба шумор меравад. Дар ҳоли ҳозир ҳудуди 41 дарсади аҳолии кишвар ба шабакаҳои оби ошомиданӣ дастрасӣ доранд, ки аз ҷониби ташкилотҳои обрасон хизматрасонӣ карда мешаванд. Фарогирии хизматрасонӣ дар бахши обтаъминкунӣ дар шаҳрҳои калон -95 дарсад, дар шаҳракҳои навъи шаҳр – 48 дарсад, вале дар минтақаи деҳот хеле паст -22 дарсадро ташкил медиҳад. Фарогирии хизматрасонии рафъи обҳои партов дар айни замон дар шаҳрҳои калон (64 дарсад) дар сатҳи миёна ва деҳот хеле паст (мувофиқан 10 дарсад ва 0,1 дарсад) қарор дорад.

41. Инфрасохтори таъмини оби ошомиданӣ ва рафъи обҳои партов дар ҳолати фарсуда қарор дорад. Дар сурати андешида нашудани чораҳои ҳамаҷонибаи фаврӣ, хавфи халалдоршавии таъмини оби ошомиданӣ ва рафъи обҳои партов (аз ҷумла хизматрасонии санитарии ғайри обу корезӣ) бо пайомадҳои манфӣ ба саломатии аҳолӣ, хусусан дар ҳолати ҳароратҳои аз реҷа бурун ва офатҳои табиӣ вуҷуд дорад. Дар шаҳрҳо ва шаҳракҳо 32 дарсади инфрасохтори мавҷудбуда корношоям аст, дар ҳоле ки дар минтақаҳои деҳот ин рақам ҳудуди 60 дарсадро ташкил медиҳад. Талафоти об дар шабакаҳои обтаъминкунии шаҳрӣ дар баъзе мавридҳо тақрибан 60 дарсад ва дар шабакаҳои миёна ва хурд тақрибан 20 дарсадро

ташкил медиҳад. Ҳаҷми феълии сармоягузорӣ дар ин бахш нокифоя буда, ба суръати афзоиши аҳолӣ ва рушди иқтисод мувофиқ намебошад. Тарифҳои хизматрасонии обтаъминкунию корез ва маблағҳое, ки аз буҷет ҷудо карда мешаванд, барои азнавсозӣ ва тараққӣ додани соҳаи обтаъминкунӣ нокифоя буда, хароҷоти вобаста ба истифода ва нигоҳубини иншоотҳои мавҷударо пурра қонеъ намегардонанд.

42. Занҷираи хизматрасонӣ оид ба таъмини бехатарии санитарӣ, яъне нигоҳдорӣ, хориҷкунӣ, интиқол, коркард, безараргардонӣ ё истифодаи такрорӣ, аз нигоҳи хизматрасониҳои мутамарказ ва ғайримутамарказ дар саросари кишвар фарқ мекунад. Дар мавриди шабакаҳои ғайри обу корезӣ ё корезҳои на чандон калон дар бораи интиқол ва тоза намудани обҳои партов маълумот хеле маҳдуд мебошад. Чуқуриҳои ҷамъшавии наҷосат ва шабакаҳои нокомили рафъи обҳои партов ба сифати оби ошомиданӣ, аз ҷумла обҳои зеризаминӣ, дар натиҷаи олудашавӣ ва паҳншавии бемориҳои тавассути об паҳншаванда хатари калидӣ эҷод мекунанд, зеро онҳо аз ҷониби ташкилотҳои хизматрасони маҳаллӣ танзим ва ба таври муассир мавриди назорат қарор дода намешаванд. Дар шароити риоя накардани қоидаҳои санитарию гигиенӣ, шартҳои санитарию техникӣ ба таври васеъ истифода бурдани манбаъҳои бемуҳофизати об (обҳои рӯйизаминӣ ва чоҳҳои зеризаминии алоҳидаи начандон амиқ) барои эҳтиёҷоти маишӣ ва ошомиданӣ низ боиси сар задани бемориҳои сироятӣ мегардад. Услуби системавӣ дар таъмини занҷираи хизматрасонӣ дар соҳаи санитария барои таъмини идоракунии бехатари оби ошомиданӣ ва рафъи обҳои партов аҳамияти калидӣ дорад. Таҷрибаҳои нокифояи беҳдоштӣ, бахусус вобаста ба гигиенаи дастҳо, чуқуриҳои ғайримуассири ҷамъшавии наҷосат дар деҳот ва идоракунии партовҳои сахт ба сифати об ва идоракунии захираҳои об таъсир мерасонанд.

43. Масоҳати заминҳои барои обёрӣ мувофиқ дар кишвар 1,573 миллион гектарро ташкил медиҳад. Ба ҳолати 1 январи соли 2023 майдони заминҳои обёришаванда дар ҷумҳурӣ 764 ҳазор гектарро ташкил медиҳад, ки аз он 470,61 ҳазор гектар заминҳои корами обӣ мебошанд. Заминҳои тавассути дастгоҳҳои обкашӣ обёришаванда 38 дарсади майдони умумии заминҳои обёришавандаи кишварро ташкил медиҳанд. Дар соли 2023 масоҳати хоси заминҳои обёришаванда ба ҳар сари аҳолӣ дар кишвар тақрибан 0,074 гектар/одамро ташкил медиҳад, ки нисбат ба дигар кишварҳои Осиёи Марказӣ ба маротиб камтар мебошад.

44. Мушкилоти асосии соҳаи беҳдошти замин ва обёрӣ аз омилҳои зерин иборат мебошанд: фарсудашавии шабакаи обёрӣ ва беҳдошти замин, маблағгузории нокифоя, зуд-зуд рух додани садамаҳо дар пойгоҳҳои обкашӣ, норасоии дастгоҳу механизмҳо, бадшавии ҳолати мелиоративӣ ва эрозияи заминҳои обёришаванда, ки дар натиҷа заминҳо аз истифодаи соҳаи кишоварзӣ мебароянд ва фаъолияти ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об ғайрисамаранок мегарданд. Дар баробари ин, омилҳои асосие, ки ба бад шудани вазъият дар ин бахши аз лиҳози

стратегӣ муҳимми кишвар таъсир мерасонанд, инҳо мебошанд: мавҷуд набудани ҳисобкунии дурусти об, паст будани самарабахшии шабакаҳои обёрӣ аз сабаби талафоти зиёди об, ҳосилнокии пасти истифодаи об, норасоии кормандони касбӣ, тарифҳое, ки хароҷоти воқеии вобаста ба нигоҳдорӣ ва истифодабарии шабакаҳои обёрӣ ва заҳбуру заҳкашҳоро пӯшонида наметавонанд, низоми ғайрисамараноки ҷамъоварии пардохтҳо барои хизматрасонии обёрӣ ва заҳбуру заҳкашҳо, нокифоя будани сармоягузориҳои асосӣ, мавҷуд набудани таҷдид (модернизатсия)-и шабакаҳои кӯҳнаи обёрӣ ва заҳбурҳо.

45. Ифлосшавии нуқтавӣ ва минтақавии обҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминӣ тавассути маҷмуи агросаноатӣ, партовҳои коркарднашудаи саноатӣ ва обҳои партови шаҳрӣ (коммуналӣ), пластмассаҳои партофташуда, резиши партовгоҳҳо, истифодаи маводди кимиёвӣ, аз қабили нуриҳои минералӣ, заҳрхимикатҳо, антибиотикҳо ва наҷосати чорвои калони шохдор аз қабили мушкилоти маъмулии бисёр кишварҳо, аз ҷумла Тоҷикистон, мебошанд.

## §8. Сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи об дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ

46. Тоҷикистон сиёсат ва дипломатияи худро дар соҳаи об мувофиқи тамоюлҳои минтақавӣ ва ҷаҳонӣ бар асоси принсипҳо ва меъёрҳои аз ҷониби кишвар эътирофшуда амалӣ менамояд. Ҳамзамон сиёсати кишвар дар соҳаи об манфиатҳои миллиро ба инобат гирифта, барои татбиқи самарабахши он ислоҳоти дахлдори низоми идоракунии захираҳои обро дар асоси ҷорӣ намудани идоракунии маҷмуӣ ва ҳавзавӣ бо дарназардошти ба инобат гирифтани манфиатҳои тамоми ҷонибҳои манфиатдор ба воситаи шуроҳои ҳавзавии дарёҳо амалӣ менамояд.

47. Таъмини ҳуқуқи ҳар як шахс ба оби тозаи ошомиданӣ ва хизматрасонии санитарӣ, таъмини кафолатноки ҳамаи истифодабарандагони об, гузаштан ба идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об дар асоси идоракунии ҳавзавии захираҳои об, инфрасохтори мутобиқкардаи об, дастрас, ба тағйирёбии иқлим тобовар ва мутобиқшаванда,таъмини аз лиҳози иқтисодӣ устувор ва идоракунии аз лиҳози экологӣ оқилонаи захираҳои об ҳамчун принсипҳои асосии пешбурди сиёсати об дар сатҳи миллӣ ба шумор мераванд.

48. Ҳуқуқ ва дастрасии баробари ҳар як шахс ба оби тозаи ошомиданӣ ва шароитҳои санитарӣ, афзалияти таъмини оби ошомиданӣ, санитария ва беҳдошт, идоракунии ҳамгироёнаи захираҳои об дар асоси идоракунии ҳавзавии дарёҳо ва ноил шудан ба идоракунии аз лиҳози иқтисодӣ устувор ва аз лиҳози экологӣ оқилонаи захираҳои об ва равиши фарогир принсипҳои асосии пешбурди сиёсати об дар сатҳи миллӣ мебошанд.

49. Дар асоси сиёсати интихобшудаи об, Тоҷикистон дар сатҳи минтақавӣ дипломатияи обро дар асоси принсипҳои нигоҳ доштани

муносибатҳои неки ҳамсоягӣ, баробарӣ ва ҳамкории мутақобилан судманд амалӣ менамояд. Тоҷикистон тибқи Оинномаи СММ ва муқаррароти ҳуқуқи байналмилалӣ ҳақ дорад, ки захираҳои табиии худ, аз ҷумла обро барои таъмини рушди устувори кишвар ва шароити зиндагии шоистаи мардумаш истифода барад. Тоҷикистон ин ҳуқуқро дар асоси манфиатҳои минтақавӣ бо такя ба принсипҳои ҳамсоягии нек, эҳтиром ва ба назар гирифтани манфиатҳои воқеии тарафайн, муколама ва ҳамкорӣ дар ҳалли мушкилоти бамиёномада амалӣ намуда, ҳамчун манбаи асосии ташаккули захираҳои оби ҳавзаи баҳри Арал ҷиҳати бо об таъмин намудани минтақа монеа эҷод намекунад.

50. Татбиқи лоиҳаҳои бузурги минтақавӣ дар кишвар, аз қабили сохтмони неругоҳи барқи обии Роғун ва CASA-1000 ба принсипҳои зикршуда асос ёфтааст. Лоиҳаҳои дар татбиқ қарордошта, инчунин иқтидори бузурги Тоҷикистон дар сохтмони обанборҳо ва неругоҳҳои барқи обӣ, ба ҳалли мушкилоти обу энергетикӣ ва ноил шудан ба устувории иқлим дар Осиёи Марказӣ мусоидат мекунанд.

51. Тоҷикистон тавассути амалӣ намудани сиёсати об дар сатҳи глобалӣ, дар арсаи ҷаҳонӣ дар ҳалли мушкилоти марбут ба об фаъолона иштирок менамояд ва бо дарназардошти ташаббусҳои худ «Соли байналмилалии оби тоза, 2003», «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт, 2005-2015», «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, 2013», «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор», солҳои 2018-2028» ва эълон гардидани «Соли 2025 ҳамчун Соли байналмилалии ҳифзи пиряххо» татбиқи ташаббусҳои навро дар доираи созмонҳои минтақавӣ ва байналмилалӣ, пеш аз ҳама дар Созмони Милали Муттаҳид пешбинӣ мекунад. Ҳадаф аз ин иқдомҳо ҷалби таваҷҷуҳ ба зарурати ҳамкорӣ дар ҳалли мушкилоти об ба манфиати ҳифзи ҳаёт ва рушди устувори башарият буда, ҷавобгӯйи ҳам манфиатҳои миллӣ ва ҳам ормонҳои ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад.

52. Тоҷикистон ҷиҳати таъмини амнияти об барои наслҳои оянда дар сатҳи минтақавӣ ва ҷаҳонӣ минбаъд низ пешбурди масъалаҳои обро идома хоҳад дод.

## §9. Танзим ва назорати давлатӣ дар соҳаи истифода ва ҳифзи захираҳои об

53. Тавассути Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 апрели соли 2020, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов» аз 19 июли соли 2019, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ассотсиатсияи истифодабарандагони об» аз 2 январи соли 2020 ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи муҳити зист» аз 8 июни соли 2022 ба танзими давлатӣ дар соҳаи истифода ва ҳифзи захираҳои об тағйироти ҷиддӣ ворид карда шуд.

54. Дар давраи сипаришудаи татбиқи ислоҳоти соҳаи об заминаи меъёрии ҳуқуқӣ таъсис дода шуд, ки иҷрои муқаррароти Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов»-ро таъмин менамояд. Бо дарназардошти принсипҳои ҳамгиронаии идоракунии захираҳои об низоми мақомоти давлатӣ таъсис дода шуд, ки соҳаҳои истифода ва ҳифзи захираҳои обро танзим ва назорат мекунад.

55. Ба мақомоти давлатӣ дар соҳаи танзими истифода ва ҳифзи захираҳои об мутобиқи Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Хадамоти давлатии назорати бехатарии корҳо дар саноат ва соҳаи кӯҳкории назди Хукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва дигар мақомоти давлатии дахлдор дохил мешаванд. Дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ташкилотҳо вобаста ба таъмини оби ошомиданӣ ва рафъи обҳои партов, ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об ва дигар ташкилотҳои ҷамъиятӣ фаъолияти худро оид ба хизматрасонӣ анҷом медиҳанд.

56. Банақшагирии истифодабарӣ ва ҳифзи захираҳои оби ҳавзаҳои дарёҳо аз ҷониби давлат тавассути таҳия, тасдиқ ва татбиқи нақшаҳои ҳавзавии идоракунии захираҳои об амалӣ карда мешавад.

57. Нақшаҳои ҳавзавии идоракунии захираҳои об барои ҳар як ҳавзаи дарё таҳия гардида, маҷмуи маводди низомиро дар шакли матн, ҷадвал ва график оид ба ҳолати объектҳои об ва истифодаи онҳо ифода мекунанд, ки дар натиҷаи мушоҳидаҳо, тадқиқоти ҳолати объектҳои об, тадқиқот, корҳои банақшагирии пешазлоиҳавӣ, лоиҳавӣ ва татбиқи чорабиниҳои идоракунии об ва ҳифзи об, инчунин татбиқи чорабиниҳои вобаста ба коҳиш додани хавфи таъсири зараровари об ба даст оварда шудаанд.

58. Нақшаҳои ҳавзавии идоракунии захираҳои об ба муҳлати на камтар аз 5 сол таҳия гардида, нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатии ҳолати захираҳои об ва нишонаҳои истифодаи обро дар ҳавзаи дарёҳо, зерҳавзаҳо, минтақаҳои хоҷагии об ва ҳудуди вилоятҳо, шаҳрҳо ва ноҳияҳои Тоҷикистон инъикос менамоянд.

59. Дар доираи ислоҳоти соҳаи об дар назди Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади ҷамъоварӣ, нигоҳдорӣ, коркард ва додани маълумот барои таҳияи сиёсати давлатӣ, пешгӯӣ, консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушд дар соҳаи захираҳои об, нақшаҳои ҳавзавӣ, лоиҳаҳо ва чорабиниҳо оид ба идоракунӣ, истифода ва ҳифзи захираҳои об, қабули қарорҳои стратегӣ, фаврӣ ва огоҳии аҳолӣ дар соҳаи захираҳои об, низоми миллии иттилоотии об таъсис дода шудааст.

60. Мавҷуд набудани тартибот (расмиёт)-и танзими мубодилаи маълумот, бахусус байни мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, таҷҳизоти нокифояи техникӣ, ҳамоҳангсозии нокифояи коркард ва идоракунии маълумот дар ҳар як соҳа ва равишҳои маҳдуди идоракунӣ вобаста ба истифодаи онҳо барои ҷорӣ намудани низоми миллии иттилоотии об душворӣ эҷод мекунанд. Дар натиҷа самарабахшии истифодаи маълумоте, ки мақомоти давлатӣ бо истифода аз маблағҳои буҷети давлатӣ ҷамъоварӣ мекунанд, хеле паст боқӣ мемонад.

61. Қонунгузории нав барои татбиқи сиёсати самарабахши давлатӣ дар соҳаи истифода ва ҳифзи захираҳои об шароит фароҳам овард. Дар баробари ин сохтори институтсионалӣ, низоми идоракунӣ ва заминаи ҳуқуқӣ рушди минбаъда ва такмили самарабахшии онҳоро талаб менамоянд.

62. Самти афзалиятноки такмили идоракунии давлатӣ аз татбиқи механизмҳои зерин иборат мебошад:

- таҳия ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи беҳдошти замин ва обёрӣ»;

- таҳия ва қабули санадҳои зерқонунӣ ва санадҳои меъёрие, ки аз қонунгузории соҳаи об бармеоянд;

- ҷудо намудани вазифаҳои хоҷагидорӣ дар соҳаи таъмини оби ошомиданӣ ва рафъи обҳои партов, инчунин муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи таъмини оби ошомиданӣ ва рафъи обҳои партов дар сатҳи мақомоти марказии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ;

- таҳкими иқтидори мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, ки танзим ва назоратро дар соҳаи истифода ва ҳифзи захираҳои об амалӣ менамоянд;

- таҳияи нақшаҳои ҳавзаи идоракунии захираҳои об бо дарназардошти ҳамаи ҷанбаҳои истифода ва ҳифзи захираҳои об, аз ҷумла тағйирёбии иқлим ва коҳиш додани хавфи офатҳои табиӣ;

- таҳияи стандартҳои меъёри иҷозатдодашуда ба объектҳои об бо дарназардошти хусусиятҳои минтақавӣ ва хусусиятҳои инфиродии объектҳои об;

- гузаронидани мониторинги давлатии объектҳои об;

- такмили меъёр ва стандартҳои таъмини оби ошомиданӣ ва рафъи обҳои партов, аз ҷумла коркард ва истифодаи такрории обҳои партов, истифодаи мақсаднок ва ҳифзи захираҳои об, мусоидат ба рушди истеҳсоли оби ошомиданӣ, аз он ҷумла оби ошомидании маъданӣ дар зарфҳо;

- таҳияи механизмҳо ва тартиботи мукаммал оид ба таҳким ва нигоҳдории иқтидори институтсионалӣ дар соҳаи таъмини оби ошомиданӣ ва рафъи обҳои партов (аз ҷумла санитария ва беҳдошт);

- таҳияи механизмҳои иқтисодӣ, молиявӣ ва тартиботи мукаммали идоравӣ, такмил ва таҳкими иқтидори институтсионалии соҳаи беҳдошти замин ва обёрӣ;

- рақамикунонӣ дар соҳаи об, аз ҷумла тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои навтарин, аз қабили истифодаи қобилияти идоракунии объектҳои табиӣ (ё воқеӣ) бо истифода аз шабакаи интернет ва зеҳни сунъӣ барои баланд бардоштани самарабахшии истифода ва нигоҳубинӣ техникӣ, нигоҳ доштани амалкардҳои инфрасохтор, идоракунии сифати об ва пуркувват намудани баҳисобгирии обгирӣ ва сарфи он, баланд бардоштани самарабахшии идоракунии захираҳои об, ҷорӣ намудан бо дарназардошти андешидани чораҳои амниятӣ оид ба муҳофизат аз таҳдидҳо ва осебпазириҳои киберӣ ва ғайра;

- такмил додани нигоҳдории Низоми миллии иттилоотии об.

63. Муваффақ шудан ба ҳамкории зичи шуроҳои ҳавзавии дарёӣ бо низоми ҳокимияти маҳаллӣ, иштироки фаъолонаи онҳо дар татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи муносибатҳои об вазифаи муҳим мебошад.

64. Баланд бардоштани таъсирбахшӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ барои ноил шудан ба мақсадҳо ва иҷрои вазифаҳо дар соҳаи муносибатҳои об рушди минбаъдаро тақозо мекунад. Бо мақсади сарфакоронаи хароҷоти буҷет тадбирҳои дарозмуддати истифодаи ҳамгироёна ва оқилонаи захираҳои об, таъмини меъёрҳои баланди экологии объектҳои об, пешгирии таъсири манфии об ва баланд бардоштани бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ зарур аст.

## §10. Сармоягузорӣ ва маблағгузорӣ дар соҳаи об

65. Дар баробари маблағгузории давлатӣ, аз ҳисоби қарзҳо ва грантҳои шарикони рушд сармоягузориҳои назаррас ба соҳаи об ворид карда мешаванд. Дар миқёси ҷаҳонӣ ҳисоб карда шудааст, ки барои расидан ба 6 Ҳадафи рушди устувор то соли 2030 сармоягузории солона ба маблағи 112 млрд доллари ИМА лозим мебошад. Дар муқоиса, барои рушди бахши таъмини оби ошомиданӣ ва рафъи обҳои партов дар Тоҷикистон ҳамасола ҳудуди 220 миллион доллари ИМА сармоягузорӣ лозим аст, ки ин аз мизони феълии кулли сармоягузорӣ ба бахши об ба маротиб бештар аст.

66. Барои таъмин намудани фаъолияти устувор ва самараноки шабакаҳои беҳдошти замин ва обёрӣ, маблағгузории назаррас зарур аст. Хароҷоти солона барои истифодабарии босифати ин шабакаҳо бояд на камтар аз 75 миллион доллари ИМА-ро ташкил диҳад. Ин маблағҳо барои гузаронидани таъмирҳои мунтазам, таъмин намудани кори бемамониати пойгоҳҳои обкашӣ, тозакунии каналҳо, танзими ҷараёни об ва дигар чорабиниҳо, ки ба нигоҳдории шабакаҳо дар ҳолати корӣ равона шудаанд, заруранд. Илова бар ин, барои таъмини устувории шабакаҳо ва таҷдиди инфрасохтор, солона тақрибан 50 миллион доллари ИМА ҷудо кардан лозим аст. Ин маблағҳо бояд ба таъмирҳои капиталӣ, иваз кардани таҷҳизоти кӯҳнашуда, ҷорӣ намудани технологияҳои нав, ки барои баланд бардоштани самаранокии истифодабарии об мусоидат

мекунанд ва васеъ намудани шабака барои фаро гирифтани заминҳои нав, равона карда шаванд.

67. Дар тули даҳсолаҳои охир инфрасохтори хоҷагии об аз лиҳози маблағгузории нокифоя ва нигоҳдории номунтазам аз лиҳози воқеӣ (физикӣ) ва маънавӣ фарсуда шудааст. Ба истиснои гидроэнергетика ва як қатор лоиҳаҳои хурд дар соҳаи беҳдошти замин, обёрӣ ва таъмини оби ошомиданӣ, сармоягузории хусусӣ дар соҳаи об вуҷуд надорад ва саҳми ташкилотҳои хизматрасонии соҳаи об дар сармоягузорӣ ночиз аст.

68. Мавҷуд будани қарзҳо омили асосии вазъи ғайриқаноатбахш ва ноустувори молиявии ташкилотҳои хизматрасонии соҳаи об мебошад (Агентии беҳдошти замин ва обёрӣ, Кумитаи хоҷагии манзилию коммуналӣ, дигар ташкилотҳои обтаъминкунӣ, ки аз ҷониби мақомоти коммуналӣ идора карда мешаванд), ки мушкилоти худро асосан аз ҳисоби пардохти пули хизматрасонӣ ҳал мекунанд. Тарифҳои мавҷудбуда хароҷоти нигоҳдорӣ ва истифодаи инфрасохторро пӯшонида наметавонанд ва субсидияҳои давлатӣ барои пӯшонидани хароҷоти хизматрасонӣ ба мақомоти давлатӣ нокифоя буда, табиист, ки ин ба сифати хизматрасонӣ таъсири манфӣ мерасонад. Зарурати бетаъхир такмил додани низоми пардохт ва системаи субсидияҳои мустақим ва ғайримустақими давлатӣ ба соҳаи об, аз он ҷумла барои эҷоди ҳавасмандгардонии ҷалби маблағгузории тиҷоратӣ аз бахши хусусӣ ба миён меояд.

## §11. Таъмини илмию техникӣ ва кадрии соҳаи об

69. Инкишофи илмию техникие, ки ба таъмини рушди соҳаи об нигаронида шудаанд, доираи васеи масъалаҳои идоракунии стратегӣ ва фаврӣ, банақшагирии фаъолияти хоҷагии об, тарҳрезии иншоот ва технологияҳо, моделсозӣ ва пешгӯии ҳолати захираҳои обро дар бар мегиранд.

70. Вазифаҳои асосии илмӣ дар соҳаи ташкили идоракунии аз лиҳози экологӣ ва иқтисодӣ асосноки соҳаи об аз инҳо иборатанд:

- такмили механизмҳои мавҷудбуда ва таъсиси механизмҳои нави ташкилии идоракунӣ дар соҳаи об;
- такмили усулҳо ва механизмҳои иқтисодии истифодаи оқилонаи об;
- баланд бардоштани асоснокии қабули қарорҳо дар идоракунии ҳамгироии шабакаҳои об дар асоси донишҳои муосир дар бораи равандҳои технологӣ ва пайомадҳои экологии татбиқи онҳо;
- инкишоф додани асосҳои илмии истифодаи технологияҳои муосир ва воситаҳои техникии назорати объектҳои об.

71. Масъалае, ки асосноккунии ҳамаҷонибаи илмӣ, истифодаи таҷҳизоти муосири озмоишгоҳӣ (лабораторӣ) ва рушди технологияҳои иттилоотиро тақозо мекунад, ин таъмини назорат ва идоракунии сифати об дар объектҳои об, ташаккули асосҳои илмии низоми муқаррар

намудани меъёр мебошад, ки дар асоси донишҳои нав, барои ноил шудан ба стандартҳои зарурии сифати об ва сатҳи мувофиқи коркард ва истифодаи такрорӣ имкон медиҳад.

72. Таъмини ҳалли мушкилоти илмӣ ин афзоиш додани иқтидори ташкилотҳои илмӣ ва фароҳам овардани шароит барои ҷалб намудани кадрҳои ҷавони илмӣ бо мақсади дастгирӣ ва инкишоф додани мактабҳои илмии мавҷудбударо тақозо мекунад.

73. Дар бахши хоҷагии об норасоии муҳандисони ҷавон, иқтисоддонон ва роҳбарон, инчунин дигар мутахассисони дорои таҳсилоти олӣ қариб 300 нафарро ташкил медиҳад. Дар ташкилотҳои соҳаҳои ба ҳам алоқаманд, ки фаъолияти маҷмуи идоракунии оби кишварро таъмин мекунанд, дар масъалаи таъмини кадрҳо низ чунин вазъият ба амал омадааст.

74. Вазифаҳои асосии бо кадрҳо таъмин намудани соҳаи оби Тоҷикистон аз инҳо иборатанд:

- ташаккули механизму воситаҳои муосири идоракунии таъминоти кадрӣ дар маҷмуӣ хоҷагии об, ки қобилияти қонеъ гардонидани талабот ба мутахассисони дахлдорро таъмин менамояд;
- таҷдиди заминаи моддию техникии муассисаҳои таълимӣ, фароҳам овардани шароити ҳавасмандгардонӣ барои ҷалби омӯзгорони ҷавон ва боистеъдод;
- ташаккули низом ва технологияи баланд бардоштани салоҳияти касбии кадрҳои мавҷудбуда ҷиҳати таъмини рушди инноватсионии соҳаи об.

## §12. Низоми мониторинги давлатии объектҳои об

75. Дар соҳаи истифода ва ҳифзи захираҳои об, сари вақт муайян кардан ва пешгӯйии рушди равандҳои манфие, ки ба миқдор ва сифати об дар объектҳои об ва ҳолати онҳо таъсир мерасонанд, таъмини таҳия ва татбиқи тадбирҳо оид ба пешгирии ҳодисаҳои манфии ин равандҳо, инчунин арзёбии самарабахшии чорабиниҳо оид ба ҳифзи объектҳои об, ба мониторинги давлатии объектҳои об – низоми мушоҳидаҳо, арзёбӣ ва пешгӯйии тағйироти ҳолати объектҳои об нақши хеле муҳим ҷудо карда мешавад.

76. Барои мониторинги давлатии объектҳои об вазъияти шабакаи мушоҳидаи давлатӣ ҳалкунанда мебошад. Шабакаи мавҷудаи мушоҳидаҳои гидрологии Агентии обуҳавошиносии Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 96 дидбонгоҳи гидрологиро дар бар мегирад. Коҳишёбии шабакаи мушоҳидаҳои гидрологӣ дар Тоҷикистон дар 30 соли охир 35 дарсадро ташкил додааст.

77. Коҳишёбии миқдори дидбонгоҳҳо ва барномаҳои мушоҳидакунӣ, истифодаи заминаи методии пешгӯйиҳо дар асоси истифодаи усулу

технологияи куҳна боиси тамоюли мунтазами бад шудани сифати пешгӯйии гидрологӣ гардид.

78. Вазъияти шабакаи мушоҳидаҳои муқаррарии ифлосшавии обҳои рӯйизаминӣ, инчунин бо кам шудани шумораи нуқтаҳои мушоҳидаи гидрокимиёвӣ, гирифтани намунаҳои об ва таҳшинҳои қаъри об ва иҷрои корҳои таҳлилӣ тавсиф мешавад. Мавҷуд набудани усулҳои автоматикунонидашуда ва фосилавии мониторинги реҷа ва сифати об, мавҷуд набудани таҷҳизоти муосири таҳлилии озмоишгоҳӣ сифати пасти мушоҳидаҳоро пешакӣ муайян мекунад.

79. Яке аз мушкилоти асосии мониторинги давлатии объектҳои об маҳдуд будани маълумот дар бораи натиҷаҳои мониторинги давлатии объектҳои об мебошад.

80. Иқтидори мавҷудбуда барои ташхиси сифати об ва идоракунии шабакаҳои лӯлаӣ ва ғайрилӯлаӣ, инчунин коркарди обҳои партов низ аз ҷониби кормандони соҳибихтисос, инфрасохтори озмоишгоҳӣ ва буҷети зарурии амалиётӣ маҳдуд аст. Эҷоди робита байни низоми иттилоотии тандурустӣ ва низоми идоракунии сифати об барои огоҳии бармаҳал ва чораҳои саривақтӣ муҳим аст.

81. Мониторинги обҳои зеризаминиро Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи мониторинги давлатии ҳолати сарватҳои зеризаминии Тоҷикистон анҷом медиҳанд. Шабакаи асосии мушоҳидаи давлатӣ кам шуда истодааст ва шабакаи феълии давлатӣ ба ҳолати обҳои зеризаминӣ дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон баҳодиҳии заруриро таъмин намекунад.

82. Ҳадафҳои мониторинги давлатии объектҳои об аз ташаккули таркиби оптималии шабакаи мушоҳидаҳои давлатӣ, такмили таҷҳизоти техникии он, ҷорӣ намудани усулҳои муосири пешгӯӣ иборат мебошад, ки афзоиши муҳлат ва саҳеҳии пешгӯйиро таъмин мекунанд, инчунин таъсиси низоми ягонаи иттилоотие, ки барои ба низом даровардан ва муттаҳид намудани маълумоти мониторинги давлатии объектҳои об имкон медиҳад, дастрасии онҳо барои мақомоти давлатӣ, иштироккунандагони мониторинги давлатии объектҳои об, ташкилотҳои илмӣ ва шаҳрвандон таъмин мекунад.

## 3. ҲАДАФҲОИ СТРАТЕГӢ ВА САМТҲОИ АФЗАЛИЯТНОКИ СОҲАИ ОБ БАРОИ ДАВРАИ ТО СОЛИ 2040

83. Рушди соҳаи об дар Тоҷикистон яке аз омилҳои асосии таъмини рушди иқтисодӣ ва суботи иҷтимоӣ, амнияти миллии кишвар ва татбиқи ҳуқуқи истифодабарандагони об ба об мебошад.

84. Самтҳои рушди соҳаи оби Тоҷикистон ба самтҳои рушди дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Ҳадафҳои рушди устувор, Нақшаи миллии амал оид ба мутобиқшавӣ

ба тағйирёбии иқлим ҳамчун иҷрои ухдадориҳои байналмилалии Тоҷикистон оид ба мутобиқшавӣ ба тағйирёбии иқлим дар бахши об мувофиқат мекунанд.

85. Ба низом даровардани самтҳои зикршуда бо дарназардошти таҳлили стратегияи рушди бахшҳои иқтисодии вилоятҳо ва ноҳияҳо, омӯзиши робитаҳо, инчунин вазъи кунунӣ ва мушкилоти соҳаи об барои муайян намудани ҳадафҳои стратегии тараққиёти соҳаи оби кишвар имкон медиҳад. Ҳадафҳои стратегии рушди соҳаи об инҳо мебошанд:

- таъмини кафолатноки захираҳои об ба аҳолӣ ва бахшҳои иқтисодиёт;
- баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои об;
- бартараф намудани норасоии захираҳои об;
- таъмини аҳолии Тоҷикистон бо оби босифати ошомиданӣ ва рафъи обҳои партов;
- таъмини фаъолияти устувор ва рушди шабакаҳои обёрӣ ва заҳкашҳо;
- ҳифз ва барқарорсозии объектҳои об;
- таъмини муҳофизат аз таъсири манфии обҳо.

## §1. Таъмини кафолатноки аҳолӣ ва бахшҳои иқтисодӣ бо захираҳои об

86. Таъмини кафолатноки захираҳои об ҳалли аввалиндараҷаи масъалаҳои таъмини аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо оби хушсифати ошомиданӣ, фароҳам овардани шароит барои рушди мутаносиби иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо, пешбурди навовариҳоро дар назар дорад, ки сарфаи захираҳо ва фароҳам овардани заминаҳои зарурӣ барои татбиқи афзалиятҳои рақобатпазирии иқтидори захираҳои оби Тоҷикистонро таъмин мекунад.

87. Қонеъ гардонидани талаботи аҳолӣ ва соҳаҳои иқтисодиёт ба захираҳои об дар асоси рӯйкарди ҳамгироии идоракунии масъалаи истифода ва ҳифзи захираҳои об, дар асоси муайян намудани маҳдудиятҳои объективии захираҳои обӣ ва экологӣ, коҳиш додани хавфи офатҳои табиӣ вобаста ба об, бо дарназардошти ба инобат гирифтани тамоми захираҳои мавҷудаи обҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминӣ дар ҳавзаҳои дарёҳо ва тағйирпазирии онҳо, додани афзалияти мутлақои таъмини оби ошомиданӣ ва маишӣ ва хизматрасонии санитарӣ ба аҳолӣ, ошкорбаёнӣ ва иштирок дар раванди банақшагирӣ ва идоракунии истифода ва ҳифзи захираҳои оби мақомотҳои худидоракунии шаҳру шаҳракҳо, шуроҳои ҳавзавии дарёҳо, ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об, ташкилотҳои ҷамъиятии занон, ҷавонон ва ғайра анҷом дода мешавад. Ба истифодаи устувор ва ҳифзи обҳои зеризаминӣ тавассути харитакашӣ, мониторинги мунтазами истифодаи он ва тағйирёбии захираҳо, обгирӣ ва пуркунии танзимшавандаи захираҳо

ҳам барои истифодаи истеъмолӣ ва ҳам барои обёрӣ бояд диққати махсус дода шавад.

88. Арзишҳои пешбинишавандаи эҳтиёҷ ба захираҳои об бо дарназардошти сенарияҳои рушд ва суръати афзоиши аҳолӣ, иқтисодиёт, ки дар ҳуҷҷатҳои банақшагирии стратегӣ пешбинӣ шудаанд ва таъсири пайомадҳои бухронҳои гуногун ба иқтисодиёти Тоҷикистон бо суръати воқеии афзоиши энергетика, истеҳсолоти саноатӣ, кишоварзӣ муайян карда мешавад ва эҳтимоли зиёд вуҷуд дорад, ки он то соли 2040 тақрибан 14 км$^3$ хоҳад буд.

89. Бо мақсади самарабахш истифода бурдани захираҳои об барои таъмини рушди устувори иқтисодӣ, рушди ҳамоҳангшудаи бахшҳои иқтисодиётро дар асоси ба назар гирифтани маҳдудиятҳои захираҳои об ва сарбории қобили қабули экологӣ ба объектҳои об, идоракунии истифода ва муҳофизати захираҳои об ва инчунин маҷмуи захираҳои об таъмин намудан зарур аст.

90. Воситаи асосии таъмини идоракунии ҳамгироии истифода ва ҳифзи захираҳои об нақшаҳои ҳавзавӣ оид ба идоракунии захираҳои об мебошанд. Дар марҳилаи кунунӣ корҳо оид ба таҳияи нақшаҳои ҳавзавӣ барои давраи то соли 2030 идома доранд. Дар охири ин давра нақшаҳо таҷдид карда мешаванд ё нақшаҳои нав барои панҷсолаҳои минбаъда тартиб дода мешаванд. Таҳияи нақшаҳои ҳавзавӣ барои он ҳавзаҳое, ки дорои тавозуни шадиди идоракунии об ё дигар ҳолатҳои фавқулода мебошанд, метавонанд ба таври ғайринавбатӣ сурат гиранд.

91. Минтақаҳои афзалиятноки ҷойгиркунии соҳаҳои нави бузурги обталаб, аз қабили саноати металлургӣ ва кимиёвӣ бояд минтақаҳое бошанд, ки дорои захираҳои оби бештар бошанд. Дар ҳудуди ноҳияҳое, ки дорои захираи ками об мебошанд, тараққиёти истеҳсолоти обталаб бояд, пеш аз ҳама, бо роҳи таҷдид ва васеъ намудани иқтидорҳои мавҷудаи саноатӣ тавассути ҳамзамон ҷорӣ намудани шабакаҳои обтаъминкунии такрорӣ ва пайдарпай ба роҳ монда шавад, ки истифодаи оқилонаи захираҳои мавҷудаи об ва инчунин коҳиш додани сарбории антропогенӣ ба объектҳои обро таъмин менамоянд.

92. Афзоиши иқтидори гидроэнергетикӣ аз ҳисоби бунёди неругоҳҳои барқи обии калон, миёна ва хурд дар ҳавзаҳои дарёҳои Вахш, Панҷ, Сирдарё, Зарафшон ва Кофарниҳон пешбинӣ шудааст. Азхудкунии иқтидори гидроэнергетикии ҳавзаи дарёи Вахш тавассути анҷом додани сохтмони неругоҳи барқи обии Роғун ва обанбори он метавонад талаботи рӯзафзуни дохилиро ба неруи барқ пурра қонеъ намуда, афзоиши содироти онро ба кишварҳои хориҷӣ таъмин намояд.

93. Водии Данғара ва заминҳои водии Вахш, ки бо шабакаи обёрии Данғара дар вилояти Хатлон алоқаманд мебошанд, заминҳои Ашт, Мирзоравот ва Кизилин, заминҳои ноҳияҳои Шаҳристон ва Истаравшани вилояти Суғди Тоҷикистон мутаносибан дар ҳавзаи дарёҳои Вахш ва Сирдарё ҷойгиранд, минтақаҳои умедбахши тараққӣ додани зироаткории

калони обӣ махсуб меёбанд. Аз худ кардани заминҳои хурди доманаи кӯҳҳо бо истифода аз технологияҳои сарфаи об ва муҳофизати хок аҳамияти калон дорад. Дар баробари ин, васеъ намудани истифодаи заминҳои обёришаванда дар комплекси агросаноатӣ бояд ҳамчун самти афзалиятнок бо роҳи барқарорсозӣ ва бозсозии минтақаҳои обёрии қаблан азхудшуда ва шабакаҳои обтаъминкунӣ амалӣ ва ҳамзамон технологияҳои замонавии сарфаи об ҷорӣ карда шавад. Барои аз худ кардани заминҳои калони ноҳияи Мурғоби Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон дар болооби ҳавзаи дарёи Панҷ ба андешидани тадбирҳои омодагӣ шуруъ кардан лозим аст.

94. Инкишоф додани моҳипарварии ҳавзавӣ ва зироатҳои обӣ самтҳои умедбахши соҳаи моҳидорӣ мебошанд. Шароити мусоиди иқлимӣ барои рушди моҳипарварии ҳавзу қафасӣ ҳавзаҳои дарёҳои Сир, Кофарниҳон, Вахш ва Панҷ мебошанд.

95. Аз сабаби мавҷуд будани иқтидори баланди моҳипарварии дарёҳои Сир, Кофарниҳон, Вахш, Зарафшон ва Панҷ, инчунин кӯлҳои дар ин ҳавзаҳо ҷойгирбуда, баланд бардоштани ҳосилнокии моҳипарварӣ яке аз самтҳои афзалиятноки рушди маҷмуи идоракунии об дар шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилоятҳои Суғд ва Хатлон хоҳад буд.

## §2. Баланд бардоштани самаранокии истифодаи захираҳои об

96. Таъмини кафолатноки талаботи иқтисодиёт ба захираҳои об истифодаи мутлақо оқилонаи захираҳо, коҳиш додани шиддатнокии об дар истеҳсолоти саноатӣ ва кишоварзӣ ва талафоти бемаҳсули обро талаб мекунад.

97. Ин самт барои минтақаҳои дорои тавозуни шиддатноки идоракунии об аҳамияти бештар дорад, ки дар он онҳо коҳиш додани миқёси ҷалби захираҳои маҳдуди об ба гардиши иқтисодӣ имкон медиҳад, ки устувории экосистемаҳои обӣ нигоҳ дошта шавад.

98. Дар натиҷаи коҳиш додани ҳаҷми умумии захираҳои оби гирифташуда ва истифодаи онҳо дар раванди технологӣ, ҳаҷми коркарди обҳои партов ва миқдори моддаҳои ифлоскунанда ба объектҳои об мутаносибан кам мешавад.

99. Самти асосии истифодаи оқилонаи об ҳавасмандгардонии иқтисодӣ барои коҳиш додани истифодаи хосси об, паст кардани талафоти об дар ҳамаи сатҳҳо, ҷорӣ намудани технологияи сарфаи об ва инчунин ба кор бурдани механизмҳои самарабахши идоракунии шабакаҳои ирригатсионӣ мебошад.

100. Ноил шудан ба таъмини кафолатноки аҳолӣ ва иншоотҳои иқтисодӣ ба захираҳои об, ба рушди мутавозини кишвар ва нигоҳ доштани сатҳи баланди амнияти озуқаворӣ, саноатӣ ва энергетикӣ мусоидат мекунад.

## §3. Бартараф намудани норасоии захираҳои об

101. Дар минтақаҳои Тоҷикистон, ки норасоии захираҳои об дар натиҷаи омилҳои объективии табиӣ ва байнидавлатии антропогенӣ ба вуҷуд омадааст, тавассути роҳи таъмини оқилона ва истифодаи маҷмуии захираҳои об кам кардан имконнопазир аст, ҷорӣ намудани технологияи сарфаи об, бунёди обанборҳо ва бозсозии шабакаҳои мавҷудбудаи хоҷагии об бо мақсади коҳиш додани талафоти об ва зиёд кардани самарабахшии он, инчунин сохтани лӯлаҳои обгузари гурӯҳӣ, истифода бурдани зироатҳои камобталаб ва иҷро намудани як қатор тадбирҳои дигар зарур аст, ки ба зиёд кардани захираҳои об нигаронида шудаанд.

## §4.Таъмини аҳолии Тоҷикистон бо оби босифати ошомиданӣ ва рафъи обҳои партов

102. Ҳалли масъалаи таъмини аҳолӣ бо оби босифати ошомиданӣ дар доираи Барномаи давлатии таъмини оби нӯшокӣ ва рафъи обҳои партов барои давраи то соли 2032 ва барномаҳои минбаъда амалӣ карда мешавад, ки принсипҳои бунёдии онҳо таъмин намудани дастрасии аҳолӣ ба хизматрасониҳои обтаъминкунӣ ва рафъи обҳои партови аҳолӣ, бартараф намудани сабабҳои номутобиқатии сифати оби ба аҳолӣ интиқолшаванда, меъёрҳои беҳдоштӣ, инчунин тафриқаи рӯйкардҳо дар интихоби схемаҳои технологии обтаъминкунӣ ба аҳолии шаҳрҳои калон ва миёна, шаҳракҳо ва деҳаҳо мебошанд.

103. Барномаи давлатии обтаъминкунӣ ва рафъи обҳои партов барои таъмини мавҷудият ва дастрасии хадамоти бехатари обтаъминкунӣ ва рафъи обҳои партов дар сатҳи хонавода ва ташкилотҳо мусоидат мекунад. Муваффақ шудан ба дастрасии ҳамаҷонибаи аҳолӣ ба хизматрасониҳои обтаъминкунӣ ва рафъи обҳои партов ба беҳтар шудани сифати зиндагии аҳолӣ ва коҳиши бемориҳои тавассути об интиқол шаванда мусоидат мекунад.

## §5. Таъмини фаъолияти устувор ва рушди шабакаҳои обёрӣ ва заҳкашҳо

104. Ҳалли масъалаи таъмини фаъолияти устувор ва рушди шабакаҳои обёрӣ ва заҳкашӣ дар доираи стратегияҳои соҳавӣ, Барномаи рушди соҳаи беҳдошти замин ва обёрӣ барои солҳои 2024-2028 ва барномаҳои минбаъда бо таваҷҷуҳ ба зиёд кардани самарабахшии обёрӣ, ба кор бурдани механизмҳои самарабахши идораи шабакаҳои ирригатсионӣ, маҳсулнокии истифодаи обу замин, сарфаи энергия дар пойгоҳҳои обкашӣ ва ҷорӣ намудани низомҳои худкори идоракунӣ, механизмҳои нави иқтисодии барои баланд бардоштани қобилияти молиявии соҳа амалӣ карда мешавад.

105. Ноил шудан ба амалкарди устувор ва рушди системаҳои ирригатсионӣ ва заҳкашӣ, ба беҳтар намудани таъмини об барои зироатҳои кишоварзӣ, васеъ намудани заминҳои обёришаванда ва таъмини амнияти озуқаворӣ мусоидат мекунад.

## §6. Ҳифз ва барқарорсозии объектҳои об

106. Ҳифз ва барқарор намудани объектҳои об ба ҳолате, ки барои аҳолӣ аз лиҳози экологӣ шароити мусоиди зист муҳайё месозад, ҳалли як қатор масъалаҳои коҳиш додани сарбории антропогенӣ ба объектҳои об, ҳифзи обҳои зеризаминӣ аз ифлосшавӣ, барқарорсозии объектҳои об ва бартараф намудани зарари ҷамъшудаи экологиро дар бар мегирад.

107. Барои коҳиш додани сарбории антропогенӣ ба объектҳои об татбиқи низоми тадбирҳои ба ҳам алоқаманд зарур аст, ки дар байни онҳо таъмини татбиқи амалии принсипҳои меъёргузории экологӣ дар асоси меъёрҳои таъсири қобили қабул ба объектҳои об бо дарназардошти хусусиятҳои минтақавӣ, хусусиятҳои инфиродӣ ва мақсадҳои истифодаи объектҳои об калидӣ мебошад.

108. Ҷузъи муҳимми маҷмуи чорабиниҳо оид ба коҳиш додани сарбории антропогенӣ ба объектҳои об таҳия ва татбиқи танзими такмили техникӣ дар соҳаи тозакунии обҳои партов мебошад.

109. Самти дигари коҳиш додани сарбории антропогенӣ ба объектҳои об ҳавасмандгардонии иқтисодӣ барои коҳиш додани партоби моддаҳои ифлоскунанда ба оби партов мебошад.

110. Қисми зиёди моддаҳои ифлоскунанда ба обанборҳо аз ҳавзаҳои обҷамъшаванда ҳамчун қисми обҳои пароканда (диффузӣ) ворид мешаванд. Ба ин муносибат таҳияи усулҳои баҳодиҳии ҳаҷм ва дараҷаи таъсири манфии обҳои партови пароканда аз ҳудуди аз лиҳози иқтисодӣ азхудшуда муҳим мебошад.

111. Ҳамчунин татбиқи чорабиниҳо оид ба маҳдуд кардани интиқоли фаромарзии моддаҳои ифлоскунанда захираи ҷиддии коҳиш додани сарбории антропогенӣ мебошад.

112. Дар ноҳияҳое, ки аҳолии онҳо дар шароити номусоиди обу экологӣ зиндагӣ мекунанд, ҷиҳати бартараф намудани зарари ҷамъшудаи экологӣ, инчунин ба амал баровардани тадбирҳои муҳофизат аз ифлосшавии техногении обҳои зеризаминӣ, барқарорсозии объектҳои об, аз ҷумла дарёҳои хурд, зарур мебошад.

113. Дар натиҷаи ба амал баровардани ин тадбирҳо аз ҳисоби беҳтар намудани сифати муҳити зист ва шароити экологӣ дараҷаи баланди зисти аҳолӣ ба даст оварда мешавад. Баланд бардоштани сифати об дар объектҳои об шарти муҳимтарини таъмини бехатарии санитарию эпидемиологии аҳолӣ, шароити бароҳати зисти наслҳои ҳозира ва ояндаи сокинони Тоҷикистон, ҳифзи тандурустии миллат, инчунин макони зисти захираҳои биологии обӣ мебошад.

## §7. Таъмини муҳофизат аз таъсири манфии обҳо

114. Таъмини ҳифзи аҳолӣ ва иншоотҳои иқтисодӣ аз обхезӣ ва дигар таъсироти манфии обҳо, аз коҳиш додани хавфҳо ва ба ҳадди ақал паст кардани хисорот аз таъсири манфии об, таъмини эътимоднокии иншоотҳои гидротехникӣ, танзими истифодаи иқтисодии минтақаҳое, ки ба таври давравӣ зери об ва таҳти таъсири манфии дигар падидаҳои хатарноки гидрологӣ қарор мегиранд ва таҳияи технологияҳои мониторинг, аз ҷумла пешгӯйӣ ва огоҳии ҳодисаҳои хатарноки гидрологӣ иборат мебошад.

115. Усулҳои муосири коҳиш додани зарар аз падидаҳои хатарноки гидрологӣ, аз ҷумла обхезӣ, гузаришро аз стратегияи ҳифзи инфиродии объектҳо ба низоми маҷмуии тадбирҳо талаб мекунанд, ки баҳодиҳӣ ва идоракунии тамоми хатарҳоро дар асоси баҳодиҳии муқоисавии техникӣ ва иқтисодӣ барои чорабиниҳои муҳофизатӣ ва ҳалли банақшагирӣ гузинаҳо пешбинӣ мекунанд.

116. Татбиқи маҷмуи тадбирҳое, ки ба баланд бардоштани ҳифзи аҳолӣ ва объектҳои иқтисодӣ аз падидаҳои хатарноки гидрологӣ нигаронида шудаанд, унсури зарурии таъмини рушди муътадили иқтисодии Тоҷикистон, амнияти шаҳрвандон ва фароҳам овардани шароити бароҳати зиндагӣ мебошад.

117. Ноил шудан ба ин ҳадафҳои стратегӣ ба Тоҷикистон имкон медиҳад, ки дар ҳалли масъалаҳои истифода, ҳифз ва идоракунии захираҳои об тавассути рушди иқтидори илмию техникӣ, истеҳсолӣ ва технологӣ, афзоиши ҳаҷми воридоти роҳиҳалҳои инноватсионии технологӣ дар соҳаи обёрӣ, идоракунии об, дониш, таҷрибаи эҷод ва идоракунии низомҳои муосири хоҷагии об мавқеи пешсафро ишғол намояд.

# 4. ЧОРАБИНИҲО ОИД БА АМАЛИСОЗИИ СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ ОБ

118. Низоми чорабиниҳои Стратегияи мазкур мутобиқи мақсад ва вазифаҳои татбиқи он ташаккул ёфта, аз чорабиниҳое иборат аст, ки ба ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ ва тадбирҳои таъмини татбиқи муассири муқарраротиСтратегияи мазкур, аз ҷумла такмили низоми танзими давлатӣ ва назорат дар соҳаи истифода ва ҳифзи захираҳои об, таҳияи низомҳои мониторинги давлатии объектҳои об, таъмини илмию техникӣ ва кадрии маҷмуи хоҷагии об, таълим ва тарбияи аҳолӣ дар соҳаи истифодаи оқилона ва ҳифзи захираҳои об мусоидат мекунад.

## §1. Чорабиниҳо оид ба таъмини кафолатноки аҳолӣ ва бахшҳои иқтисодӣ бо захираҳои об

119. Инкишофи минбаъдаи инфрасохтори об бо мақсади васеъ намудани фарогирии аҳолӣ ва соҳаҳои иқтисодӣ бо таъмини об бояд бо тақвияти самарабахшии истифодаи об алоқаманд бошад.

120. Коҳиш додани истеъмоли қиёсии об аз ҳисоби коҳиш додани талафоти об дар унсурҳои обтаъминкунии шабакаҳои хоҷагии манзилию коммуналӣ ва комплекси агросаноатӣ тавассути бозсозӣ ва таҷдиди шабакаҳои иншооти гидротехникӣ, барқарорсозӣ ва пӯшонидани сатҳи каналҳо, бозсозии шабакаҳои обёрӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои муосири самарабахши идоракунии обҳои ошомиданӣ, обёрӣ ва партов, шабакаҳои такрории об, технология ва таҷҳизоти муосири сарфаҷӯйии об ба даст оварда мешавад.

121. Коҳиш додани истеъмоли қиёсии захираҳои об дар равандҳои технологӣ аз ҳисоби васеъ намудани истифодаи шабакаҳои обтаъминкунии гардишӣ, такрорӣ ва пайдарпай ва дар соҳаи обёрӣ бо роҳи густариш додани истифодаи технологияҳои сарфаи об, таҷдиди инфрасохтор, аз ҷумла автоматикунонӣ, рақамикунонӣ, истифодаи воситаҳои интернет ва зеҳни сунъӣ, анҷом дода мешавад.

122. Барои ин мақсадҳо анҷом додани корҳои зерин зарур аст:

- муқаррар намудани меъёри пардохти ҳақ барои аз меъёри муқарраргардидаи истеъмоли об зиёдтар гирифтани захираҳои об ва аз меъёри муқараргардида зиёдтар партоб кардани обҳои партов;
- ҷорӣ намудани меъёрҳои имтиёзноки пардохт барои гирифтани захираҳои об бо мақсади фаъолияти шабакаҳои обтаъминкунии гардишӣ, такрорӣ ва пайдарпай;
- таъмин намудани қарзҳои имтиёзнок барои баъзе чорабиниҳо оид ба сохтмон, бозсозӣ ва таҷдиди шабакаҳои обтаъминкунии гардишӣ, такрорӣ ва пайдарпай, шабакаҳои обёрӣ ва ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионии сарфаи об бо шартҳои паст кардани меъёри дарсади қарз бо истифода аз механизмҳои субсидиявӣ ва пешниҳоди қисман ё ҷуброни пурраи дарсади қарзи бонкӣ ва як қисми он аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ, ба шарте ки қарзҳо барои харидани технологияҳои муосир ва воситаҳои техникӣ ҷалб карда шаванд;
- бо мақсади коҳиш додани талафоти об, баланд бардоштани самарабахшии банақшагирӣ ва идоракунӣ, таъмин намудани роҳи ҳалҳои навтарини технологӣ оид ба бозсозӣ ва таҷдиди инфрасохтори давлатии об: автоматикунонӣ, телемеханика, асбобҳои ченкунӣ ва идоракунии фосилавии об, воситаҳои интернетӣ, зеҳни сунъӣ;
- амалӣ намудани маҷмуи тадбирҳои иқтисодӣ ва маъмурӣ, аз ҷумла оид ба тафриқаи андози об ва меъёрҳои пардохт барои гирифтани захираҳои об, ҳавасмандгардонии ҳисобкунии захираҳои об тавассути дастгоҳи ҳисобкунӣ ва тарғиби зарурати бо ҳисобкунакҳои об таъмин

намудани фонди манзил, таъмин намудани объектҳои сохтмони асосӣ, ки ба истифода дода мешаванд, бо таҷҳизоти системаҳои ҳисобкунии об.

123. Татбиқи чорабиниҳо оид ба таҳияи усулҳои оқилонаи истифодаи захираҳои об ба коҳиш додани ҳаҷми истифодаи об дар иқтисодиёти Тоҷикистон ва баланд бардоштани рақобатпазирии миллӣ имконият медиҳад.

124. Баланд бардоштани самарабахшии истифодаи захираҳои об дар обанборҳо ва шабакаҳои хоҷагии об ба мутобиқ шудани соҳаи об барои фаъолият дар шароити номусоид дар давраи тулонии камобӣ мусоидат мекунад.

## §2. Чорабиниҳо оид ба бартараф намудани норасоии захираҳои об

125. Дар ноҳияҳое, ки аз норасоии захираҳои об танқисӣ мекашанд, бо мақсади ба вуҷуд овардани иқтидорҳои иловагии танзимкунии обанборҳо ва афзоиши тавлиди об, бозсозии иншоотҳои гидротехникӣ, ҷорӣ намудани технологияи сарфаҷӯйии об, гузаронидани корҳои ҷустуҷӯйӣ, ба қайди давлатӣ гирифтан ва ба муомилоти хоҷагӣ ҷалб намудани захираҳои оби тозаи зеризаминӣ, сохтмони лӯлаҳои обгузари гурӯҳӣ ва тадбирҳои дигар вобаста ба рушди маҷмуи хоҷагии об, бояд корҳои марбут ба сохтмон ва таҷдид (бозсозӣ)-и иншоотҳои гидротехникӣ ба роҳ монда шаванд. Дар минтақаҳои дорои норасоии шадиди захираҳои об анҷом додани корҳои зерин зарур мебошад, аз ҷумла: бунёди обанборҳо дар дарёҳои Исфара, Исфана, Кофарниҳон, Қизилсу, сохтмони обанборҳои хурд дар сойҳои соҳили рости Сирдарё дар ноҳияҳои Ашт ва Мастчоҳ, бозсозии каналҳои дорои ҳосилнокии паст, таҷдиди маҷмуи идоракунии об дар поёноби дарёҳои Хоҷабоқирғон, Исфара, Исфана, Даҳанасой ва Каттасои вилояти Суғд.

126. Тибқи пешбинӣ, бартараф намудани норасоии захираҳои об дар асоси роҳиҳалҳои лоиҳавӣ мутобиқи параметрҳои истифодаи об иҷро карда мешавад, ки дар нақшаҳои идоракунии захираҳои оби ҳавзавӣ ва тавозунҳои хоҷагии об муқаррар шудаанд.

127. Татбиқи чорабиниҳои мазкур барои таъмини рушди иҷтимоию иқтисодии ноҳияҳои дорои норасоии об заминаи боэътимод ба вуҷуд меорад.

## §3. Чорабиниҳо оид ба таъмини аҳолӣ бо оби босифати ошомиданӣ ва рафъи обҳои партов

128. Дар барномаҳои таҳияшавандаи давлатии обтаъминкунӣ ва рафъи обҳои партов, барои таъмини аҳолӣ бо оби хушсифати ошомиданӣ ва рафъи обҳои партов (санитария), бояд маҷмуи чорабиниҳои ба ҳам алоқаманд пешбинӣ шаванд, ки аз ҷониби мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот,

ташкилотҳои саноатӣ, бахши молия, илмӣ амалӣ мегарданд ва ба мунтазам таъмин намудани аҳолии кишвар бо оби ошомиданӣ ва санитария нигаронида шудааст.

129. Барномаҳо аз ҷумла бояд ташкили системаи муассири идоракунии соҳаи обтаъминкунӣ ва рафъи обҳои партов, санитария ва беҳдошт, ташаккули муҳити соҳибкории ба бахши иҷтимоӣ нигаронидашуда ва бозори рақобатпазири хизматрасонии обтаъминкунӣ, рушди босуръати иқтидори инноватсионӣ ва технологӣ, беҳтар намудани сифати таъмини оби ошомиданӣ минтақаҳоро дар асоси роҳиҳалҳои нави технологӣ таъмин намоянд.

130. Барномаҳо ба рушди босуръати иқтидори инноватсионӣ ва технологӣ, баланд бардоштани сифати таъмини оби ошомиданӣ минтақаҳо ва шабакаҳои санитарии аз лиҳози экологӣ тоза равона карда мешаванд, ки ҳам шабакаҳои рафъи обҳои партов ва ҳам шабакаҳои ғайри обу корезиро дар асоси ҳалли нави технологӣ дар бар мегиранд. Устуворӣ ба тағйирёбии иқлим, мутобиқшавӣ, фарогирӣ ва бехатарӣ бояд унсурҳои муҳимми лоиҳаҳо, стандартҳо ва қоидаҳо бошанд, ки бо чорабиниҳои вобаста ба соҳаи обтаъминкунӣ ва санитария алоқаманд мебошанд.

131. Бо дарназардошти зарурати ҳаҷми зиёди сармоягузории соҳаи обтаъминкунӣ ва рафъи обҳои партов, инчунин муҳлатҳои тулонии бозпардохти лоиҳаҳои сармоягузорӣ, рушди шабакаи обтаъминкунӣ ва рафъи обҳои партов дар маҳаллаҳои хурду миёна ва деҳот бо кумаки маблағҳои давлатӣ, донорҳо, бахши хусусӣ ва дигар маблағгузорӣ таъмин карда мешавад.

132. Дар барномаҳо бояд тадбирҳои дастгирии меъёрии таъмини аҳолӣ бо оби бехатари ошомиданӣ ва хизматрасониҳои санитарӣ, пеш аз ҳама, аз нуқтаи назари муқаррар намудани талабот ба сифати оби ошомиданӣ, усулҳои санитарии ба иқлим ҳассос ва сарфаи об, системаҳои технологӣ ва равандҳои истеҳсолии таъмини об ва рафъи обҳои партов, махсусан тозакунии ғайримутамаркази обҳои партов, таъмини иттилоотию таҳлилӣ ва мониторинги татбиқи барнома, тарғиб намудан ва ба аҳолӣ расонидани натиҷаҳои дастовардҳо пешбинӣ шаванд. Чораҳо барои баланд бардоштани шуурнокӣ ва огаҳии аҳолӣ лозиманд, ки рафтори онҳоро барои шинохтани ниёз ба хизматрасониҳои обтаъминкунӣ ва санитарӣ якҷоя ба омодагӣ ба пардохт ва таъмин намудани фаъолияти устувори шабакаҳо тақвият бахшанд. Барномаҳои давлатӣ дар соҳаи обтаъминкунӣ ва рафъи обҳои партов инчунин бояд чорабиниҳои вобаста ба тағйир додани рафтор оид ба риояи гигиенаи дастҳо ва истифодаи иншоотҳои санитарию техникӣ ва гигиенӣ, аз ҷумла ҳоҷатхонаҳои дорои шабакаи обтаъминкунӣ ва бидуни шабакаи обтаъминкуниро дар бар гиранд.

## §4. Чорабиниҳо оид ба таъмини фаъолият устувор ва рушди шабакаҳои обёрӣ ва заҳкашҳо

133. Барои таъмини фаъолият ва рушди устувори соҳаи беҳдошти замин ва обёрӣ дар барномаҳои давлатии таҳияшудаи беҳдошти замин ва обёрӣ бояд маҷмуи чорабиниҳои ба ҳам алоқаманд дар назар гирифта шаванд, ки аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ассотсиатсияҳои истифодабарандагони об, ташкилотҳои илмӣ амалӣ карда мешаванд ва ба таъмини устувори соҳаи кишоварзӣ бо оби обёрӣ нигаронида шудаанд.

134. Барномаҳо ташкили низоми самарабахши идоракунии бахши беҳдошти замин ва обёрӣ, аз ҷумла низомҳои автоматикунонидашудаи идоракунии иншоотҳои асосии гидротехникӣ чорабиниҳои вобаста ба барқарорсозӣ, таҷдид ва сохтмони иншоотҳои гидротехникӣ, ҷорӣ намудани технологияи сарфаи энергия дар пойгоҳҳои обкашӣ, ҷорӣ намудани технологияҳои сарфаи об ва низоми самарабахши инвестит сионию молиявиро дар назар гиранд.

135. Бо дарназардошти зарурати ҳаҷми зиёди сармоягузории соҳаи беҳдошти замин ва обёрӣ, инчунин муҳлатҳои дароз барои бозпардохти лоиҳаҳои инвеститсионӣ, рушди шабакаҳои беҳдошти замин ва обёрӣ бо кумаки сармоягузории давлатӣ, донорҳо, бахши хусусӣ ва дигар сармоягузорӣ таъмин карда мешавад.

136. Дар барномаҳо инчунин бояд тадбирҳо оид ба таъмини меъёрҳои ҳуқуқӣ дар соҳаи таъмин намудани хоҷагиҳои фермерӣ бо оби обёрӣ, оббарорӣ ва алафзоркунии чарогоҳҳо, чорабиниҳои техникӣ ва кандани заминҳои санглох пешбинӣ карда шаванд.

## §5. Чорабиниҳо оид ба ҳифз ва барқарорсозии объектҳои об

137. Беҳтар намудани вазъи экологии объектҳои об тавассути андешидани тадбирҳои вобаста ба коҳиш додани сарбории антропогенӣ ба объектҳои об ва обҷамъшавии онҳо, барқарор намудани объектҳои об ва бартараф намудани зарари ҷамъшудаи экологӣ, инчунин тадбирҳои вобаста ба муҳофизат аз ифлосшавии обҳои зеризаминӣ имконпазир аст.

138. Самтҳои асосии чорабиниҳо оид ба таъмини коҳиш додани сарбории антропогенӣ ба объектҳои об аз коҳиш додани воридшавии моддаҳои ифлоскунанда ба объектҳои об ҳамчун як қисми обҳои партов тавассути сохтмон ва бозсозии иншооти тозакунӣ дар корхонаҳои саноатӣ ва хоҷагии манзилию коммуналӣ, ташкил ва тоза кардани обҳои рӯйизаминӣ аз объектҳои саноатӣ, инкишоф додани минтақаҳои муҳофизати санитарии манбаъҳои оби ошомиданӣ ва маишӣ ва минтақаҳои муҳофизати оби объектҳои соҳаи об, ба амал баровардани чорабиниҳои зидди эрозия дар заминҳои кишоварзӣ иборат мебошад.

139. Барои коҳиш додани сарбории антропогенӣ ба объектҳои об тадбирҳои зеринро амалӣ кардан лозим аст:

- ҷорӣ намудани низоми меъёргузорӣ дар асоси меъёрҳои таъсири қобили қабул ба объектҳои об бо дарназардошти хусусиятҳои табиии минтақавии ташаккули миқдор ва сифати захираҳои обҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминӣ, ҳадафҳои истифодаи афзалиятноки объектҳои об ва сарбории умумии антропогенӣ;
- ҳавасмандгардонӣ дар коҳиш додани сарбории антропогенӣ ба объектҳои об тавассути ҷорӣ намудани ҷадвали пардохт барои таъсири манфӣ ба объектҳои об нисбат ба партоби аз меъёр зиёди моддаҳои ифлоскунанда ба обҳои партов;
- ҷорӣ намудани механизми ҷуброн (бозгардонӣ)-и як қисми пардохтҳо барои таъсири манфӣ ба объектҳои об ҳангоми маблағгузорӣ аз ҷониби истифодабарандагони об барои сохтмон, таҷдид, бозсозии техникии маҷмуъҳои иншооти тозакунии обҳои партов дар асоси технологияҳое, ки коркарди танзими обҳои партовро таъмин мекунанд;
- таъмини чорабиниҳои вобаста ба сохтмон, бозсозӣ ва таҷдиди иншооти тозакунии обҳои партов бо грантҳо ва қарзҳои имтиёзнок тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои инноватсионӣ дар асоси шартҳои дорои дарсади пасткардашудаи қарз;
- ташкили минтақаҳои ҳифзи санитарии объектҳои оби манбаъҳои оби ошомиданӣ ва хоҷагию маишӣ, аз ҷумла зеризаминӣ ва таъмини риояи реҷаи минтақаҳои муҳофизати санитарии дахлдор;
- танзими шабакаҳои ғайри обу корезӣ (рафъи обҳои партов), аз ҷумла тавассути лоиҳаҳо ва қоидаҳои сохтмон, барои ҳалли масъалаи ифлосшавӣ илова ба таъмини хориҷсозии бехатар ва интиқоли обҳои партов бо мақсади пешгирӣ аз ифлосшавии обанборҳо;
- ба тартиб даровардани истифодаи иқтисодии худудҳои минтақаҳои ҳифзи об ва минтақаҳои муҳофизатии соҳили объектҳои об бо мақсади пешгирии ифлосшавӣ, бандшавӣ ва камшавии онҳо, инчунин ҳифзи муҳити зисти захираҳои биологии об;
- беҳтар намудани ҳифзи обҳои зеризаминӣ аз ифлосшавии техногенӣ бо роҳи тахия намудани талабот оид ба истифодаи қитъаҳои замин дар ҳудуди минтақаҳое, ки дар онҳо конҳои обҳои зеризаминӣ мавҷуд аст, ки метавонанд барои мақсадҳои таъмини мутамаркази оби ошомиданӣ ва маишӣ истифода шаванд, таъмини эътимоднокии истифодаи обҳои зеризаминӣ ва барҳам додани чоҳҳои бесоҳиби гидрогеологӣ, пурзӯр намудани масъулияти соҳибони чоҳҳо барои риояи реҷаҳои кор ва муҳофизати обҳои зеризаминӣ.

## §6. Чорабиниҳо оид ба таъмини муҳофизат аз таъсири манфии обҳо

140. Таъмини ҳифзи аҳолӣ ва объектҳои хоҷагидорӣ аз обхезӣ ва дигар таъсири манфии обҳо ва коҳиш додани зарари онҳо тавассути

татбиқи тадбирҳое ба даст оварда мешавад, ки ба ташкили системаҳои самарабахши огоҳсозӣ ва муҳофизат аз обхезӣ дар ҳудуди ҳавзаҳои дарё нигаронида шудаанд.

141. Барои таъмини муҳофизат аз таъсири манфии об анҷом додани амалҳои зерин зарур мебошад:

- ташаккул додани системаҳои иттилоотӣ ва пешгӯйии бо зерсистемаҳои мониторинги гидрометеорологӣ, пешгӯйӣ ва огоҳӣ ҳамгироишуда, ки қабули қарорҳои вазъиятӣ оид ба танзими реҷаи обанборҳо, идоракунии иншооти муҳандисӣ ва дигар тадбирҳоро таъмин мекунанд, ки ба пешгирӣ ва рафъи пайомадҳои обхезӣ нигаронида шудаанд. Ташкили чунин шабакаҳо таҷдиди системаи мушоҳидаҳои гидрометеорологӣ, аз нав муҷаҳҳаз намудани техникӣ ва такмил додани усулҳои пешгӯйии фаврии ҳодисаҳои хавфноки гидрологӣ, таъсиси системаҳои автоматикунонидашудаи мониторинги дарёҳои дорои туғёнҳои тез ҳаракаткунанда ва дарёҳое, ки аз минтақаҳои дорои зичии зиёди аҳолӣ ҷорӣ мешаванд. Самарабахшии системаҳо тавассути ҳамгироӣ бо низоми миллии иттилоотӣ дар соҳаи об, инчунин низомҳои иттилоотии ягонаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба пешгирӣ ва рафъи ҳолатҳои фавқулода ба даст оварда мешавад;

- танзими фаъолияти иқтисодӣ дар минтақаҳои дорои тамоюл ба обхезӣ ва селобҳои даврӣ, аз ҷумла дар поёнобҳои маҷмуи иншоотҳои гидротехникӣ ҷойгирбуда, дар қонунгузорӣ муайян кардани минтақаҳои хатарноки обхезӣ ҳамчун ҳудудҳои дорои шароити махсуси истифодаи онҳо барои фаъолияти шаҳрсозӣ, муқаррар намудани тартиби ноҳиябандии онҳо ва ташаккули низоми маҳдудиятҳои фаъолияти иқтисодӣ;

- ҳавасмандгардонии суғуртаи ихтиёрии молу мулки шаҳрвандоне, ки дар минтақаҳои хатарнок ба обхезӣ зиндагӣ мекунанд, ки мутобиқсозии хароҷоти буҷетиро вобаста ба ҷуброни зарар аз таъсири манфии обҳо таъмин менамояд;

- мутобиқсозии тақсимоти ваколатҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ оид ба ташкили корҳои вобаста ба кандани қаър ва рост кардани маҷрои каналҳо оид ба коҳиш додан ва омода шудан ба хавфҳои офатҳои табиӣ ва дигар корҳои вобаста ба пешгирии таъсири манфии обҳо;

- баланд бардоштани эътимоднокӣ ва бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ. Бақайдгирии эъломияи бехатарӣ ҳангоми истифодаи иншоотҳои дахлдори гидротехникӣ саросар ҷорӣ карда шавад. Таъмини маблағгузорӣ барои таъмири асосӣ ва таҷдиди иншоотҳои дорои эҳтимолияти хавфнокии гидротехникӣ, ки дар ҳолати садамавӣ қарор доранд, афзалият мебошад.

## §7. Чорабиниҳо оид ба такмили танзим ва назорати давлатӣ дар соҳаи истифода ва ҳифзи объектҳои об

142. Такмили низоми танзим ва назорати давлатии истифода ва ҳифзи захираҳои об тавассути амалҳои зерин анҷом дода мешавад:

- таҳия ва татбиқи нақшаҳои ҳавзавии идоракунии захираҳои об;
- баланд бардоштани самарабахшии назорати меъёрҳои таъсири қобили қабул ба объектҳои об бо дарназардошти хусусиятҳои минтақавӣ ва хусусиятҳои инфиродии объектҳои об;
- риояи қоидаҳои истифодабарии обанборҳо бо дарназардошти тағйирёбии хусусиятҳои морфометрии онҳо, параметрҳои ҷараён, таркиб ва эҳтиёҷоти истифодабарандагони соҳаи об.

143. Такмили механизмҳои танзими истифода ва ҳифзи объектҳои об бо истифода аз:

- қоидаҳои ҷойгиркунии иншоотҳои хоҷагии об;
- гузаронидани корҳо дар объектҳои об ва минтақаҳои муҳофизати обии онҳо;
- қабули қарорҳо оид ба сохтмони шабакаҳои калони хоҷагии об, обанборҳои дорои таъиноти маҷмуӣ дар асоси арзёбии самарабахшии татбиқи лоиҳа бо дарназардошти ҷанбаҳои дарозмуддати иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ, ки рушди мутавозини соҳаи обро таъмин менамоянд.

144. Таъсис додани системаи самарабахши идоракунии бахши таъмини об ва рафъи обҳои партов масъалаҳои зеринро дар бар мегирад:

- ҷудо кардани вазифаҳои сиёсӣ ва танзимкунанда аз фаъолияти ҷорӣ оид ба нигоҳдорӣ ва истифодаи шабакаҳои обтаъминкунӣ ва рафъи обҳои партов;
- муайян намудани мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи таъмини оби ошомиданӣ ва рафъи обҳои партов дар сатҳи мақомоти марказии иҷроияи ҳокимияти давлатӣ.

145. Такмили механизмҳои ҳамоҳангсозӣ ва ҳамкории байни мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва истифодабарандагони об тавассути:

- таъсиси Шурои миллӣ дар соҳаи об;
- таҳкими давра ба давраи мақоми шуроҳои ҳавзавӣ ҳамчун платформаи ҳамоҳангсоз, ки оид ба татбиқи сиёсати давлатӣ дар ҳудуди ҳавза, ҳамгироии байнисоҳавӣ ва муносибгардонии фаъолияти хоҷагии об ва ҳифзи об қарорҳои тавсиявӣ қабул мекунад;
- баланд бардоштани нақши ҳамоҳангсозӣ ва мониторинги шуъбаҳои захираҳои об дар минтақаҳои ҳавзаӣ барои таъмини самарабахшии идоракунии ҳавзаи дарёҳо;
- ташаккули низоми миллии иттилоотӣ дар соҳаи об, аз ҷумла марказҳои таҳлили вазъият ва таҳияи тавсияҳо вобаста ба минтақаҳои ҳавзаӣ;

- тахия ва татбиқи стандартҳо ва меъёрҳои миллӣ дар соҳаи баланд бардоштани иқтидори соҳаи обтаъминкунӣ, аз ҷумла санитария;
- рақамикунонии соҳаи об.

146. Татбиқи системаи тадбирҳое, ки ба таҳкими нақши Тоҷикистон дар ҳалли мушкилоти глобалӣ ва минтақавӣ дар соҳаи истифода ва ҳифзи захираҳои об нигаронида шудаанд, аз амалҳои зерин иборат мебошанд:
- фаъол намудани иштироки Тоҷикистон дар фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, ки ба масъалаҳои об машғуланд;
- рушди ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи истифода ва ҳифзи муштараки объектҳои обҳои байнидавлатӣ;
- ташкили конференсияҳо, форумҳо, симпозиумҳо ва дигар чорабиниҳои сатҳи баланд оид ба масъалаҳои об дар шаҳри Душанбе;
- рушди фаъолияти платформаи «Раванди оби Душанбе»;
- пешбурди ташаббусҳои глобалӣ ва минтақавии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои об дар чорабиниҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ;
- таҳияи диди нав барои пешбурди ташаббусҳои глобалӣ ва минтақавии Тоҷикистон дар соҳаи об.

## §8. Чорабиниҳо оид ба рушди низоми мониторинги давлатии объектҳои об

147. Яке аз вазифаҳои афзалиятноки Стратегияи миллии об таҳияи низоми мониторинги давлатии объектҳои об, аз ҷумла инкишоф ва таҷдиди шабакаи мушоҳидаи давлатӣ, мебошад.

148. Баланд бардоштани сатҳи технологии шабакаи мушоҳидавии давлатӣ, ки ҷорӣ намудани системаҳои худкории чандпараметрии ченкунӣ ва иттилоотӣ, воситаҳои коммуникатсионии муосири бесим, технологияҳои нави иттилоотии коркард ва таҳлили маълумот аз дидбонгоҳҳои шабакаи мушоҳидавӣ, инчунин усулҳои мониторинги фосилавӣ, ҷалб намудани таҷҳизоти нави баландтехнологӣ ва маҳсулоти барномавиро дар назар дорад.

149. Инкишофи шабакаи марказҳои таҳқиқоти озмоишгоҳии сифати об ва хокҳои қаъри об дар асоси асбобҳо ва дастгоҳҳои муосир ва таъмини методӣ бояд бо коркарди усулҳои таҳқиқоти саҳроӣ дар асоси истифодабарии детекторҳо ва индикаторҳои физикӣ, кимиёвӣ ва биологӣ алоқаманд карда шавад. Ба ҳамин тартиб, бояд шабакаи озмоишгоҳҳои хоҷагии об, ташкилотҳои минтақавии обтаъминкунии деҳот ва хадамоти назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ ҷиҳати назорати сифат ва бехатарии оби тавассути хатҳои лӯлаӣ ва ғайрилӯлаӣ интиқолшаванда пурзӯр карда шавад.

150. Барои таҳияи низоми муосири мониторинги давлатии объектҳои об дастрасии маълумоти мониторинги захираҳои об дар сатҳи байнисоҳавӣ, ҳалли шумораи зиёди масъалаҳои амалӣ ва бунёдии илмӣ, эҷоди технологияҳои нав ва тағйир додани технологияҳои мавҷудбуда,

такмил додани заминаи методологӣ ва танзими ҳуқуқӣ, таъсис додани системаҳои самарабахши мониторинги объектҳои об, таҳшинҳо, ҳолати қаър ва соҳилҳои объектҳои об, инчунин ҳолати минтақаҳои муҳофизати об зарур аст.

151. Дар доираи такмили мониторинги обҳои зеризаминӣ таъсиси системаи иттилоотию таҳлилӣ ва воситаҳои худкори баҳисобгирии захираҳо ва сифати обҳои зеризаминӣ, муносибгардонии шабакаи назорати давлатии маълумот ва таҷдиди заминаи меъёрию методии гузаронидани мониторинги давлатии об ва сарватҳои зеризаминӣ пешбинӣ шудааст.

152. Бо мақсади таъмини дастрасии иттилоотии мониторингӣ таъсиси низоми миллии иттилоотӣ дар соҳаи об, бемамониат пешниҳод намудани маълумоти нав аз ҷониби ҳамаи иштироккунандагони низоми миллии иттилоотии об, ташаккули махзани маълумоти мониторингӣ барои минтақаҳои ҳавзавӣ, ҳавзаҳои дарёҳо, минтақаҳои хоҷагии об, ҳудуди Тоҷикистон ва дар маҷмуъ дар саросари кишвар таъмини дастрасии ин маълумот зарур аст.

## §9. Чорабиниҳо оид ба таъмини илмию техникии амалисозии Стратегияи миллии об

153. Барои амалисозии Стратегияи миллии об рушди инноватсионии заминаи илмию техникӣ ва технологии соҳаи обро дар асоси дастовардҳо ва технологияҳои пешрафтаи ҷаҳонӣ таъмин кардан зарур аст.

154. Гузаронидани таҳқиқот дар соҳаи таҳияи принсипҳо ва механизмҳои рӯйкарди ҳамгироии идоракунии истифода ва ҳифзи объектҳои об, усулҳо ва моделҳои пешгӯйии дарозмуддати тағйирёбии иқлим ва мавҷудияти оби дарёҳо, банақшагирӣ ва татбиқи маҷмуи корҳои таҳқиқотию тарроҳӣ дар назар аст.

155. Барои таъмини кафолатнокии захираҳои об дар самтҳои зерини илмӣ андешидани тадбирҳо зарур аст:

- бунёди асосҳои методологӣ ва технологии истифодаи экосистемавии об;
- арзёбии захираҳои обҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминӣ дар шароити тағйирёбии иқлим ва фаъолияти иқтисодӣ;
- такмил додани технологияи тайёр кардани оби тозаи ошомиданӣ;
- гузаронидани таҳқиқоти ҳамаҷонибаи илмӣ барои баланд бардоштани самарабахшии равандҳои технологии тозакунӣ ва ба меъёри сифат мутобиқ кардани об дар шабакаҳои обтаъминкунии соҳаи кишоварзӣ;
- таҳқиқи шароитҳои татбиқи афзалиятҳои рақобатпазирии иқтидори захираҳои оби Тоҷикистон, таҳлили имкониятҳои минтақабандӣ ва ҷойгиркунии истеҳсолоти обталаб дар ҷумҳурӣ.

156. Барои нигоҳдорӣ ва барқарорсозии объектҳои об иҷрои корҳои зерин зарур аст:

- ташаккул додани номгӯйи технологияҳои беҳтарини мавҷудаи шабакаҳо ва маҷмуъҳои иншооти тозакунандаи об;
- гузаронидани корҳои илмию тарроҳӣ оид ба таҳияи технологияҳои инноватсионии тозакунии обҳои партов;
- таҳия ва арзёбии технологияҳо ва системаҳои санитарии аз лиҳози экологӣ самарабахши обтаъминкунӣ ва дастрас;
- таҳияи меъёрҳои сифати ба ҷанбаҳои экологӣ нигаронидашуда ва ҳолати мақсадноки объектҳои об, механизмҳои ба инобат гирифтани омилҳои ташаккули ҳолати минтақавии объектҳои об;
- таҳия намудани усулҳои мониторинги гидрологӣ, гидрокимиёвӣ, гидробиологии объектҳои об;
- таҳия намудани усулҳои илмии арзёбии ҳаҷм ва дараҷаи таъсири манфии маҷрои пароканда (диффузӣ) аз ҳудудҳои аз лиҳози иқтисодӣ азхудшуда ва роҳи ҳалли технологии коҳиш додани он;
- асосноккунии принсипҳо, равиш ва технологияҳои барқарорсозии объектҳои об, аз ҷумла объектҳои обҳои зеризаминӣ, ки қобилияти худтозакунӣ ва худбарқарорсозиро гум кардаанд.

157. Барои аз таъсири манфии об аз лиҳози илмӣ ҳифзи объектҳои иҷтимоию иқтисодӣ таъмин намудани вазифаҳои зерин бояд ҳал карда шаванд:

- мунтазам ҷамъбаст намудани маълумоти мониторинги гидрологӣ дар ҳудуди Тоҷикистон дар шакли нашрияҳои маълумотӣ ва харитаҳои таҷдидшудаи хусусиятҳои ҳисобшудаи гидрологии объектҳои об;
- таҳияи усулҳо ва моделҳои ташаккули маҷрои дарёҳо, ки ба баланд бардоштани сифати пешгӯйиҳо ва огоҳии пешакӣ аз падидаҳои хатарноки гидрологӣ нигаронида шудаанд;
- таҳияи усулҳои самарабахшии муқоисавии иқтисодӣ ва техникӣ барои қабули қарорҳо дар бораи сохтмон ё бозсозии иншоотҳои муҳофизати муҳандисӣ аз таъсири зараровари об;
- тартиб додани лоиҳаҳои самарабахши муҳофизати муҳандисӣ аз таъсири зарарноки об, ба роҳ мондани корҳои таҷрибавию тарроҳӣ ва технологӣ оид ба тартиб додани лоиҳаҳои нави самарабахши иншоотҳои муҳофизатӣ;
- таҳия намудани тарзу усулҳои нави илмӣ ва технологияҳои лоиҳакашӣ ва сохтани иншоотҳои муҳофизати муҳандисӣ аз таъсири зарарноки об.

## §10. Чорабиниҳо оид ба таъмини кадрҳо барои амалисозии Стратегияи миллии об

158. Такмили низоми идоракунии омода намудани кадрҳо, аз нав муҷаҳҳаз намудани заминаи таълимӣ ва озмоишгоҳии муассисаҳои

таълимию илмӣ, кушодани самтҳо ва ихтисосҳои нав, таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои нави таълимӣ, стандартҳо ва барномаҳои таълимӣ, ки ба талаботи рушди соҳаи об ҷавобгӯ мебошанд, шарти зарурии рушди захираҳои кадрӣ дар соҳаи об мебошад. Дар баробари ин, амалӣ намудани чорабиниҳо барои ташаккули фарҳанги касбӣ ва дастурҳои арзишманд, низоми ҳавасмандгардонии ҷалб ва нигоҳ доштани мутахассисони дорои таҳсилоти олӣ ва миёнаи махсус ба истеҳсолот зарур аст.

159. Низоми омодакунӣ ва бозомӯзии кадрҳои соҳаи оби кишвар бояд барои мақомот ва ташкилотҳои зерин мутахассисони баландихтисос, роҳбарон ва кормандони муҳандисию техникӣ омода намояд:

- мақомоти танзим ва назорати давлати дар соҳаи истифода ва ҳифзи объектҳои об;
- ташкилотҳое, ки ба фаъолияти илмӣ ва таъмини иттилоотию таҳлилӣ машғуланд;
- ташкилотҳое, ки аз шабакаҳои хоҷагии об ва иншоотҳои гидротехникӣ истифода мекунанд;
- муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, миёнаи махсус ва касбии иловагӣ;
- ташкилотҳое, ки ба таҳқиқот, лоиҳакашӣ ва сохтмони объектҳои хоҷагии об машғуланд.

160. Барои ташаккул додани захираҳои кадрӣ вазифаҳои зеринро ҳал кардан лозим аст:

- таъсиси маркази таълимии бозомӯзии кадрҳо, ҷиҳозонидан бо системаҳои ҳозиразамони таълимӣ;
- омода намудани модулҳои таълимӣ барои маркази таълимӣ оид ба бозомӯзии кадрҳо;
- муттаҳид намудани захираҳо ва барномаҳои таълимӣ ба низоми таҳсилоти муттасили соҳаи хоҷагии об, таъмини истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва усулҳои омӯзонидани мутахассисон дар доираи он;
- фароҳам овардани ҳавасмандӣ барои баланд бардоштани нуфузи ихтисосҳои муҳандисӣ ва ғайримуҳандисӣ дар соҳаи об тавассути пешниҳоди квотаҳо барои таҷрибаомӯзии таълимӣ, таълимию истеҳсолӣ, озмунҳои техникӣ ва ҳакатонҳо, табодули донишҷӯён бо дигар донишгоҳҳои минтақа ва берун аз он, маъракаҳои таълимӣ ва иттилоотӣ барои аҳолӣ ва донишҷӯён;
- фароҳам овардани шароит, имконият ва ҳавасмандгардонии афзоиши ҳиссаи духтарон дар байни мутахассисон ва кормандони роҳбарикунандаи ташкилотҳои соҳаи об ва мақомоти давлатӣ;
- ҷалби бахши хусусӣ ва доираҳои илмӣ (академӣ) дар таҳия ва татбиқи технологияҳои таълим ва бозомӯзӣ барои соҳаи оби кишвар.

## §11. Чорабиниҳо оид ба маърифатсозӣ ва иттилоотонии аҳолӣ оид ба истифода ва ҳифзи объектҳои об

161. Бо мақсади баланд бардоштани иттилоотонӣ, дониш ва маърифатсозии аҳолӣ оид ба самтҳои асосии рушди соҳаи об ва қабули қарорҳо дар бораи идоракунӣ аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ, татбиқи маҷмуи чорабиниҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва таблиғоти оммавӣ бо истифода аз воситаҳои дастрас ва густурда, технологияҳои оид ба робита бо ҷомеа ва инкишофи муколамаи бисёрҷониба байни ҳамаи иштироккунандагони манфиатдор дар назар гирифта шудааст.

162. Ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ дар ҷомеаи муосири иттилоотӣ бидуни анҷом додани корҳои мунтазам оид ба маърифатсозӣ ва иттилоотонии аҳолӣ, аз ҷумла ҳалли вазифаҳои зерин ғайриимкон аст:

- тарбияи насли наврас дар асоси принсипҳои муносибати эҳтиёткорона ба экосистемаҳои обӣ ва истифодаи оқилонаи захираҳои об;
- гузаронидани корҳои тарбиявию фаҳмондадиҳӣ бо истифода аз воситаҳои ахбори омма бо аҳолӣ ва сохторҳои соҳибкорӣ оид ба истифода ва ҳифзи объектҳои об;
- дастгирии лоиҳаҳои иҷтимоӣ (иҷрои корҳои ҷамъиятӣ), ки ба беҳтар намудани ҳолати объектҳои об нигаронида шудаанд;
- огоҳонидании ҷамъият дар бораи натиҷаҳои истифодаи махзанҳои сифатан хавфноки об, риоя намудани реҷаҳои санитария ва беҳдошт ба саломатӣ ва некуаҳволии ҷомеаҳо, махсусан кӯдакон, занон ва ғайра;
- таъмини огоҳии аҳолӣ дар бораи ҳолати экосистемаҳои обӣ ва манбаъҳои ифлосшавӣ, фаҳмидани беҳдошти хуби дастҳо ва амалияи бехатарии санитарӣ дар робита бо чораҳои пешгирӣ ва мубориза бо сироятҳо;
- таъмини огоҳии аҳолӣ дар бораи ҳолати экосистемаҳои обӣ ва манбаъҳои ифлосшавии онҳо;
- ташкили мусобиқаҳои техникӣ, ки ба ҳалли эҷодии масъалаҳои соҳаи об равона шудаанд.

163. Вазифаи муҳим дар доираи самти мазкур аз фароҳам овардани шароит барои ҷалби аҳолӣ ва ҷомеа ба ҳалли масъалаҳои истифода ва ҳифзи объектҳои об иборат мебошад.

164. Баланд бардоштани самарабахшии иттилоот, таълим ва маърифатнокии аҳолӣ оид ба масъалаҳои марбут ба объектҳои об ба принсипҳои зерин асос меёбад:

- таҳия ва татбиқи барномаҳои махсуси таълимӣ ва лоиҳаҳои иттилоотӣ бо мақсади баланд бардоштани афзалияти иттилоотонӣ, таҳсилот ва маърифатнокӣ;
- таъмини шаффофият ва ошкорои иттилоот;
- гузаронидани маъракаҳои иттилоотии оммавӣ, мусоидат ба пурзӯр намудани нақши таблиғот (реклама)-и иҷтимоӣ ва ташкили конфронсҳои илмӣ, семинарҳо, намоишгоҳҳо, чорабиниҳои фарҳангию

маърифатӣ, таҳия ва паҳн кардани маводи иттилоотӣ, омӯзишӣ, таълимӣ бо дарназардошти фарогирии гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ;

- ташаббус ва таъсиси марказҳои иттилоотию маърифатии ҷамъиятии миллиӣ ва минтақавӣ оид ба дастрасии шаҳрвандон ба оби тозаи ошомиданӣ, вазъи объектҳои об, истифодаи оқилонаи об, пешгирӣ ва ҳифзи таъсири манфии об.

165. Татбиқи маҷмуи чорабиниҳои иттилоотию коммуникатсионӣ оид ба самарабахшии истифода, муҳофизат ва ҳифзи захираҳои об ва объектҳо бо ҷалби воситаҳои ахбори омма, телевизион ва радио, агентиҳои иттилоотӣ дар самтҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- пахши наворҳои таблиғотӣ, ҷойгир кардани таблиғоти беруна оид ба зарурати истифодаи оқилона ва муносибати эҳтиёткорона ба об;

- гузаронидани чорабиниҳои оммавии варзишӣ ва фарҳангию фароғатӣ дар самти масъалаҳои об ва экология;

- таҳияи барномаҳои таълимӣ дар соҳаи об ва экология дар муассисаҳои таҳсилотӣ.

## 5. НАТИҶАҲОИ ЧАШМДОШТИ АМАЛИСОЗИИ СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ ОБ

166. Амалисозии Стратегияи миллии об ба рушди мутавозини иҷтимоию иқтисодии кишвар, васеъ намудани дастрасии аҳолӣ ба шабакаҳои обтаъминкунӣ ва рафъи обҳои партов, нигоҳ доштани сатҳи баланди амнияти озуқаворӣ, саноатӣ ва энергетикӣ ва татбиқи ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон ба муҳити созгор мусоидат хоҳад кард.

167. Чорабиниҳо оид ба коҳиш додани таъсири антропогенӣ ба объектҳои об барои ноил гаштан ба стандартҳои баланди экологии зиндагии аҳолӣ, ҳифзи саломатии шаҳрвандон, беҳтар намудани ҳолати экосистемаҳои обӣ ҳамчун омили зарурии барқарорсозии гуногунии намудҳо ва фароҳам овардани шароит барои такрористеҳсолкунии захираҳои биологии обӣ имкон медиҳанд.

168. Татбиқи чорабиниҳое, ки ба истифодаи оқилона ва ҳамгироии захираҳои об нигаронида шудаанд, имкон медиҳад, ки ҳаҷми оби ошомиданӣ ва маишӣ ба аҳолӣ кам карда, обтаъминкунӣ бо оби ошомиданӣ ва маишӣ кафолат дода шуда, бо оби устувори истеҳсолоти кишоварзӣ таъмин карда шавад ва шароити боэътимод барои тараққиёти саноат, энергетика ва кишоварзӣ бо роҳи самарабахш истифода бурдани иқтидори захираҳои обии кишвар фароҳам оварда шавад.

169. Чорабиниҳои оид ба коҳиш додани таъсири манфии обҳо ва таъмини эътимодноки ва бехатари кори иншоотҳои гидротехникӣ ҳифзи аҳолиро, ки дар маҳалҳои осебпазир ба зуҳуроти хатарноки гидрологӣ зиндагӣ мекунанд ва фаъолияти устувори иншоотҳои дахлдори хоҷагиро таъмин мекунанд.

170. Такмили танзим ва назорати давлатӣ, рушди илму маориф имкон медиҳад, ки дар таҳия ва истифодаи технологияҳои нав як пешрафти сифатӣ ба даст оварда, неруи илмию техникӣ ва кадрӣ ташаккул ёбад, доираи дониш ва андешаҳо дар бораи ҳодисаҳо ва равандҳои гидрологӣ, омӯзиш ва ҷорӣ намудани усулҳои навтарини идоракунии истифода ва ҳифзи объектҳои об, мустаҳкам намудани заминаи ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи истифодаи об густариш дода шавад.

171. Барои арзёбии муваффақияти амалисозии Стратегияи миллии об системаи нишондиҳандаҳо барои мониторинги дараҷаи ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ дар марҳилаҳои мобайнӣ, инчунин арзёбии самарабахшии татбиқи механизмҳои алоҳида ва чорабиниҳои мушаххас пешбинӣ шудааст (Нишондиҳандаҳои ноилшавӣ ба ҳадафҳои Стратегияи миллии об барои давраи то соли 2040 дар замима ба Стратегияи милии об оварда мешаванд).

## 6. МАБЛАҒГУЗОРИИ ЧОРАБИНИҲОИ СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ ОБ

172. Чорабиниҳои Стратегияи миллии об аз ҳисоби маблағҳои буҷети давлатие, ки ҳамасола ба вазорату идораҳои дахлдор, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ҷудо мегарданд, сармоягузориҳои хусусӣ ва шарикии давлат ва бахши хусусӣ, қарзу грантҳои ташкилотҳои байналмилалӣ ва манбаъҳои дигар ҷудо карда мешавад, ки хилофи муқаррароти қонунгузории Тоҷикистон намебошанд, маблағгузорӣ карда мешавад.

173. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати маблағгузории иҷрои чорабиниҳои пешбинишуда ҷиҳати зиёд намудани сармоягузории давлатӣ ва хусусӣ ба инфрасохтори об тадбирҳо меандешад. Интизор меравад, ки зиёд шудани хароҷоти давлатӣ ҳамчунин ба афзоиши сармоягузориҳои хусусӣ, рушди шарикии давлат ва бахши хусусӣ дар бахши об ва тақвияти дастгирии байналмилалӣ ва донорҳо мусоидат мекунад.

## 7. МОНИТОРИНГ ВА АРЗЁБИИ АМАЛИСОЗИИ СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ ОБ

174. Мониторинг ва арзёбии амалисозии Стратегияи миллии об мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи банақшагирии стратегӣ ва дурнамосозии давлатӣ» аз 19 июли соли 2022 ва қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2018, №615 «Дар бораи Қоидаҳои гузаронидани мониторинг ва арзёбии амалишавии ҳуҷҷатҳои стратегии сатҳи миллӣ, барномаҳои соҳавӣ ва минтақавии рушд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» амалӣ карда мешавад.

175. Мониторинг ва арзёбии иҷрои Стратегияи миллии об аз ҷониби Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида мешавад.

Замима ба
Стратегияи миллии оби
Ҷумҳурии Тоҷикистон
барои давраи то соли 2024

**Нишондиҳандаҳои ноилшавӣ ба ҳадафии Стратегияи миллии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040**

| № | Нишондиҳандаҳо | Ченак | 2023 | 2030 | 2035 | 2040 |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 1 | Ҳаҷми умумии обгирии солона аз махзанҳои рӯйизаминӣ ва зеризаминии об | млрд м³/сол | 13,0 | 13,5 | 14,0 | 14,29 |
| 2 | Самаранокии иқтисодии умимии истифодаи 1м³ об дар Тоҷикистон (обистифодабарии маҷмуи маҳсулоти дохилӣ) | смн/м³ (долл/м³) | 11,0 (1,0) | 16,5 (1,5) | 21,6 (2,0) | 34,9 (3,0) |
| 3 | Таъминнокии аҳолӣ бо шабакаҳои обтаъминкӣ | % | 41 | 60 | 75 | 90 |
| 4 | Аҳолие, ки ба оби ошомиданӣ дар хонаҳо дастрасӣ доранд | % | 60 | 80 | 90 | 100 |
| 5 | Аҳолие, ки ба оби ошомидании олуда нагардида дастрасӣ доранд | % | 74 | 80 | 90 | 100 |
| 6 | Аҳолие, ки ба оби ошомиданӣ дар сатҳи на камтар аз сатҳи заминавӣ дастрасӣ доранд | % | 81 | 100 | | |
| 7 | Таъминоти аҳолӣ бо шабакаҳои рафъи обҳои партов | % | 15 | 25 | 35 | 50 |
| 8 | Аҳолие, ки аз иншоотҳои санитарию техникие (ҳоҷатхонаҳо), ки ба шабакаҳои марказонидашудаи обҳои партов пайваст нестанд ва наҷосат аз онҳо бехатарона гирифташуда, дар ҳамин ҷой ё дуртар аз хонавода безарар карда мешавад, истифода мебарад | % | 59 | 80 | 90 | 100 |
| 9 | Аҳолие, ки ба санитария (ҳоҷатхона) на камтар аз сатҳи заминави дастрасӣ доранд | % | 97 | 100 | | |

| | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|
| 10 | Аҳолие, ки ба дастгоҳҳои дастшӯӣ дар ҳуҷраҳо бо собун ва дигар маводи шӯянда на камтар аз сатҳи заминавӣ доимо дастрасӣ доранд | % | 73 | 100 | | |
| 11 | Талафоти об дар шабакаҳои обтаъминкунӣ (ба ҳисоби миёна дар кишвар) | % | 40-60 | 35 | 30 | 20 |
| 12 | Масоҳати умумии заминҳои обёришаванда | ҳаз. га | 764 | 780 | 790 | 814 |
| 13 | Масоҳати умумии заминҳои обёришаванда бо истифодаи технологияҳои сарфакунандаи об ва услубҳои нави обёрӣ | ҳаз. га | 2,5 | 10 | 50 | 100 |
| 14 | Масоҳати умумии заминҳои дорои ҳолати мелиоративии ғайриқаноатбахш | ҳаз. га | 37 | 28 | 18,5 | 8 |
| 15 | Масоҳати заминҳои обёришаванда, ки аз истифодаи кишоварзӣ бозмондаанд | ҳаз. га | 4,87 | 3,5 | 2,5 | 1 |
| 16 | Камтар кардани истифодаи неруи барқ дар пойгоҳҳои обкашии обёрӣ аз ҳаҷми умумии неруи барқи истифодашаванда (нисбат ба соли 2023) | % | - | 10 | 15 | 20 |
| 17 | Талафи об дар шабакаҳои обёрӣ | % | 50 | 45 | 40 | 35 |
| 18 | Тавоноии лоиҳавии неругоҳҳои барқии обӣ | МВт | 5403 | 7000 | 9886 | 10951 |
| 19 | Ҳаҷми умумии обанборҳо | $км^3$ | 15,6 | 22 | 28 | 29,2 |
| 20 | Ҳиссаи партови обҳои то лозима тозанакарда ба объектҳои об (нисбат ба сатҳи соли 2023) | % | - | 50 | 25 | 0 |
| 21 | Дараҷаи ҷорӣ намудани механизмҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва институтсионалии идораи ҳамгироёнаи захираҳои об | % | 80 | 100 | | |
| 22 | Зиёд намудани ҳиссаи минтақаҳое, ки бо иншооти муҳандисӣ ва чораҳои махсус аз хатари ҳодисаҳои табиии марбута ба об ҳимоя шудаанд | % | - | 10 | 20 | 30 |
| 23 | Рақамикунонии соҳаи об | % | - | 50 | 60 | 80 |

# РӮЙХАТИ ИХТИСОРАҲО

| | |
|---|---|
| АБЗО | Агентии беҳдошти замин ва обёрии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| АМИТ | Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон |
| БТ | Ҷамъияти саҳомии кушодаи «Барқи Тоҷик» |
| КДСИАД | Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| СИГ | Саридораи геологияи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ИМОГЭ | Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон |
| КҲМЗ | Кумитаи ҳифзи муҳити зисти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| КҲФваМГ | Кумитаи ҳолатҳои фавкулодда ва мудофиаи граждании назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| МИМҲД | Мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ |
| ВТваҲИА | Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВКХ | Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВФ | Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВМИ | Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВЭЗО | Вазорати энергетика ва захираҳои оби Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВРИваС | Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВМ | Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон |
| ВК | Вазорати кишоварзии Ҷумҳурии Тоҷикистон |

Замимаи 2
ба қарори Ҳукумати
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз « 29 » ноябри соли 2024, №627

**Нақшаи**
**амали солҳои 2025-2027 Стратегияи миллии оби Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040**

| № | Чорабиниҳо | Иҷрокунандагон | Муҳлати амалисозӣ (солҳо) | Буҷет (ҳазор. сомонӣ) | Манбаъҳои маблағгузорӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| | **1. ТАКМИЛИ ТАНЗИМИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ** | | | | |
| 1. | Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи беҳдошти замин ва обёрӣ» | АБЗО, ВЭЗО | 2025 | 1253,6 | Аз ҳисоби маблағҳои шарикони рушд |
| 2. | Таҳия ва таҷдиди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷиҳати бунёди механизмҳои татбиқи қонунгузории об | ВЭЗО, ВТваҲИА, КҲМЗ, АБЗО | 2025-2027 | 1617,6 | Аз ҳисоби маблағҳои шарикони рушд |
| 3. | Ҷорӣ намудани механизмҳои ҳавасмандгардонии иқтисодӣ барои истифодаи оқилонаи захираҳои об, аз ҷумла коҳиш додани аз меъёр зиёд гирифтани захираҳои об аз объектҳои об, ҷорӣ намудани системаҳои обтаъминкунии такрорӣ ва такрорӣ-пайдарпай, ҷорӣ намудани системаҳои баҳисобгирии захираҳои об тавассути асбобҳои ченкунӣ | ВЭЗО, ВМ, КҲМЗ, АБЗО | 2026-2027 | 509,5 | Аз ҳисоби маблағҳои шарикони рушд |
| 4. | Таҳия ва қабули тартиб, қоида ва санадҳои меъёрӣ, ки стандартҳои истеъмоли об ва рафъи обҳои партовро муқаррар мекунанд | ВЭЗО, КҲМЗ, АБЗО | 2026-2027 | 606,6 | Аз ҳисоби маблағҳои шарикони рушд |
| 5. | Танзими фаъолияти хоҷагидорӣ дар минтақаҳои зери хавфи обхезии зиёд қарордошта, аз ҷумла дар қисмати поёни иншоотҳои гидротехникӣ | КҲФваМГ, ВЭЗО, КҲМЗ, АБЗО | 2025-2027 | 509,5 | Дар доираи маблағҳои пешбининамудаи буҷети давлатӣ ва маблағҳои шарикони рушд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 6. | Такмили қонунгузорӣ дар бораи бехатарии иншоотҳои гидротехникӣ бо мақсади коҳиш додани хавфи ҳолатҳои фавқулодаи дорои хусусияти техногенӣ ва коҳиш додани шумораи иншоотҳои гидротехникии бесоҳибмонда | ВЭЗО, КҲФваМГ, АБЗО | 2025-2026 | 610,6 | Аз ҳисоби маблағҳои шарикони рушд |
| | **2. ТАКМИЛ ДОДАНИ ТАНЗИМ ВА НАЗОРАТИ ДАВЛАТӢ ДАР СОҲАИ ИСТИФОДА ВА ҲИФЗИ ОБЪЕКТҲОИ ОБ** | | | | |
| 7. | Таъсиси шурои миллии об | ВЭЗО | 2025 | 897,3 | Аз ҳисоби маблағҳои шарикони рушд |
| 8. | Мусоидат намудани мақоми ваколатдори давлатӣ дар соҳаи таъмини оби ошоми-данӣ ва рафъи обҳои партов дар сатҳи мақомоти иҷроияи марказии ҳокимияти давлатӣ ва таҳкими иқтидори он | ВЭЗО | 2025 | - | Дар доираи маблағҳои пешбининамудаи буҷети давлатӣ |
| 9. | Такмили фаъолият, таҳкими иқтидори кадрӣ ва техникии ташкилотҳои ҳавзавии дарёҳо, ташкилотҳое, ки дар соҳаи обтаъминкунӣ ва рафъи обҳои партов, инчунин беҳдошти замин ва обёрӣ хизмат мерасонанд | ВЭЗО, АБЗО | 2025-2027 | 7015 | Дар доираи маблағҳои пешбининамудаи буҷети давлатӣ ва маблағҳои шарикони рушд |
| 10. | Таҳия ва татбиқи чораҳо оид ба баланд бардоштани самарабахшии иҷрои ваколатҳо дар соҳаи об аз ҷониби мақомоти ваколатдори давлатӣ дар соҳаи истифода ва ҳифзи захираҳои об | ВЭЗО, КҲМЗ, АБЗО | 2025-2027 | 2426,4 | Дар доираи маблағҳои пешбининамудаи буҷети давлатӣ ва маблағҳои шарикони рушд |
| 11. | Таҳияи нақшаҳои ҳавзавӣ оид ба идоракунии захираҳои об | ВЭЗО, КҲМЗ, АБЗО | 2025-2027 | 2717,6 | Аз ҳисоби маблағҳои шарикони рушд |
| 12. | Таҳия, мувофиқасозӣ ва тасдиқи қоидаҳои истифодаи обанборҳо | ВЭЗО, АБЗО, БТ | 2025-2027 | 1727,9 | Аз ҳисоби маблағҳои шарикони рушд |
| 13. | Ташкили фаъолияти самарабахши шуроҳои ҳавзавии дарёҳо | ВЭЗО, КҲМЗ, КҲФваМГ, | 2025-2027 | 2020,5 | Аз ҳисоби маблағҳои шарикони рушд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | АБЗО, МИМҲД | | | |
| 14. | Таъмини рушди низоми мониторинги давлатии объектҳои об, аз ҷумла рушд ва таҷдиди шабакаи мушоҳидаҳои давлатӣ, шабакаи мушоҳидаҳои сутунӣ барои мониторинги обҳои зеризаминӣ пешбинишуда бо дарназардошти мониторинги давлатии ҳолати сарватҳои зеризаминӣ | СИГ, ВЭЗО, КҲМЗ | 2025-2027 | 7150,8 | Аз ҳисоби маблағҳои шарикони рушд ва дар доираи маблағҳои пешбининамудаи буҷети давлатӣ |
| 15. | Такмили низоми миллии иттилоотии об | ВЭЗО, КҲМЗ, АБЗО | 2025-2027 | 1757,4 | Аз ҳисоби маблағҳои шарикони рушд |
| 16. | Таҳияи консепсияи рақамикунонии соҳаи оби Тоҷикистон | ВЭЗО, КҲМЗ, АБЗО | 2025-2027 | 858,4 | Аз ҳисоби маблағҳои шарикони рушд |
| 17. | Рушди ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи истифода ва ҳифзи объектҳои об, аз ҷумла дар доираи истифодаи муштарак ва ҳифзи объектҳои обҳои байнидавлатӣ | ВЭЗО, ВКХ | 2025-2027 | 1373,6 | Дар доираи маблағҳои пешбининамудаи буҷети давлатӣ ва маблағҳои шарикони рушд |
| 18. | Ташкили конфронсҳо, форумҳо, симпозиумҳо ва дигар чорабиниҳои сатҳи баланд оид ба масъалаҳои об дар шаҳри Душанбе | ВЭЗО, ВКХ, АБЗО | 2025-2027 | 3757,2 | Дар доираи маблағҳои пешбининамудаи буҷети давлатӣ ва маблағҳои шарикони рушд |
| 19. | Рушди фаъолияти платформаи «Раванди оби Душанбе» | ВЭЗО, ВКХ | 2025-2027 | 1050,4 | Дар доираи маблағҳои пешбининамудаи буҷети давлатӣ ва маблағҳои шарикони рушд |
| 20. | Тақвияти иштирок ва таҳкими мавқеи Тоҷикистон дар фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ, ки ба масъалаҳои вобаста ба об машғул мебошанд | ВЭЗО, ВКХ, КҲМЗ, АБЗО | 2025-2027 | 880,0 | Аз ҳисоби маблағҳои шарикони рушд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 21. | Иштирок дар чорабиниҳои муҳим ва боаҳамияти байналмилалӣ ва минтақавӣ оид ба обу иқлим ва пешбурди ташаббусҳои глобалӣ ва минтақавии Тоҷикистон оид ба масъалаҳои об | ВЭЗО, ВКХ, КҲМЗ, АБЗО | 2025-2027 | 2430 | Аз ҳисоби маблағҳои шарикони рушд |
| 22. | Таҳияи диди нав барои пешбурди ташаббусҳои глобалӣ ва минтақавии Тоҷикистон дар соҳаи об | ВЭЗО, ВКХ, КҲМЗ | 2025-2026 | 200 | Аз ҳисоби маблағҳои шарикони рушд |
| | **3. ТАЪМИНИ АҲОЛӢ БО ОБИ БОСИФАТИ ОШОМИДАНӢ ВА РАФЪИ ОБҲОИ ПАРТОВ** | | | | |
| 23. | Қабули Барномаи давлатии таъмини оби ошомиданӣ ва рафъи обҳои партов барои давраи то соли 2032 ва татбиқи чорабиниҳои он | ВЭЗО, КХМК, ВМ, МИМХД | 2025-2027 | 3 034 587 | Дар доираи маблағҳои пешбининамудаи буҷети давлатӣ, сармоягузориҳои хусусӣ ва шарикии давлат ва бахши хусусӣ, қарз ва грантҳои созмонҳои байналмилалӣ ва манбаъҳои дигаре, ки хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нестанд |
| 24. | Ташкил ва таъмини риояи реҷаи минтақаҳои ҳифзи санитарии объектҳои об – манбаъҳои таъмини оби ошомиданӣ ва маишӣ | ММХД, ВТваҲИА, ВЭЗО, КҲМЗ | 2025-2027 | 1747,0 | Дар доираи маблағҳои пешбининамудаи буҷети давлатӣ ва шарикони рушд |
| 25. | Рақамикунонии соҳаи обтаъминкунӣ ва рафъи обҳои партов | ВЭЗО, КҲМЗ, МИМХД | 2025-2027 | 2040,2 | Аз ҳисоби маблағҳои шарикони рушд |
| | **4. ТАЪМИНИ ФАЪОЛИЯТИ УСТУВОР ВА РУШДИ ШАБАКАҲОИ ОБЁРӢ ВА ЗАҲКАШ (ЗАҲБУР)** | | | | |
| 26. | Татбиқи Барномаи рушди соҳаи беҳдошти замин ва обёрӣ барои солҳои 2024-2028 | АБЗО, ВЭЗО, ВРИваС, ВМ, МИМХД | 2025-2027 | 187680,0 | Дар доираи маблағҳои пешбининамудаи буҷети давлатӣ, қарз ва грантҳои созмонҳои байналмилалӣ ва манбаъҳои дигаре, ки хилофи |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нестанд |
| 27. | Баланд бардоштани самаранокии истифодаи об дар кишоварзӣ | АБЗО, ВЭЗО, МИМҲД | 2025-2027 | 6870,0 | Аз ҳисоби маблағҳои шарикони рушд |
| 28. | Ҷорӣ намудани технологияҳои сарфакунандаи об дар кишоварзӣ | АБЗО, ВК, ВЭЗО, МИМҲД | 2025-2027 | 9880,0 | Аз ҳисоби маблағҳои шарикони рушд |
| 29. | Татбиқи чорабиниҳо оид ба азхудкунии заминҳои нави обёришаванда, бехтар намудани ҳолати мелиоративии заминҳои обёришаванда ва кам кардани майдони заминҳои обёришавандае, ки аз истифодаи кишоварзӣ бозмондаанд | АБЗО, МИМҲД | 2025-2027 | 563 100 | Дар доираи маблағҳои пешбининамудаи буҷети давлатӣ ва маблағҳои шарикони рушд |
| 30. | Кам кардани истифодаи неруи барқ дар низоми обёрӣ тавассути азнавсозии пойгоҳҳои обкашии мавҷуда ва такмили идораи шабакаҳои обёрӣ | АБЗО, ВЭЗО, МИМҲД, ВК | 2025-2027 | 401615,0 | Дар доираи маблағҳои пешбининамудаи буҷети давлатӣ, қарз ва грантҳои созмонҳои байналмилалӣ ва манбаъҳои дигаре, ки хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нестанд |
| 31. | Сохтмони инфрасохтори нав, азнавсозӣ ва барқарорсозии инфросохтори соҳаи беҳдошти замин ва обёрӣ | АБЗО, МИМҲД, ВК | 2025-2027 | 70700,0 | Дар доираи маблағҳои пешбининамудаи буҷети давлатӣ, қарз ва грантҳои созмонҳои байналмилалӣ ва манбаъҳои дигаре, ки хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нестанд |
| 32. | Рақамикунонии соҳаи беҳдошти замин ва обёрӣ | АБЗО, ВЭЗО, ММҲД | 2025-2027 | 15150,0 | Аз ҳисоби маблағҳои шарикони рушд |
| | **5. ИСТИФОДА ВА ҲИФЗИ ОБЪЕКТҲОИ ОБ, ПЕШГИРИИ ТАЪСИРИ МАНФИИ ОБ ВА ТАЪМИНИ БЕХАТАРИИ ИНШООТҲОИ ГИДРОТЕХНИКӢ** | | | | |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 33. | Идома додани сохтмони НБО-и Роғун | ВЭЗО, ВМ, ВРИваС, КДСИАД | 2025-2027 | 8 418 000 | Дар доираи маблағҳои пешбининамудаи буҷети давлатӣ, қарз ва грантҳои созмонҳои байналмилалӣ ва манбаъҳои дигаре, ки хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нестанд |
| 34. | Таҳия ва татбиқи чорабиниҳо оид ба пешгирии таъсири манфии об, таъмини эътимоднокӣ ва бехатарии иншооти гидротехникӣ | КҲФваМГ, АБЗО, ВЭЗО, МИМҲД | 2025-2027 | 6213,5 | Дар доираи маблағҳои пешбининамудаи буҷети давлатӣ, қарз ва грантҳои созмонҳои байналмилалӣ ва манбаъҳои дигаре, ки хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нестанд |
| 35. | Таҳия ва амалигардонии барномаҳои давлатӣ оид ба корҳои соҳилмустаҳкамкунӣ | АБЗО, КҲФваМГ, ВЭЗО, МИМҲД | 2025-2027 | 372600 | Дар доираи маблағҳои пешбининамудаи буҷети давлатӣ, қарз ва грантҳои созмонҳои байналмилалӣ ва манбаъҳои дигаре, ки хилофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон нестанд |
| 36. | Ошкорсозӣ, харитасозӣ ва мониторинги маҳалҳои дорои эҳтимоли хавфи обхезӣ ва дигар ҳодисаҳои хатарноки ба об марбута | КҲФваМГ, ММҲД, ВЭЗО | 2025-2027 | 1163,5 | Аз ҳисоби маблағҳои шарикони рушд |
| 37. | Гузаронидани маҷмуи корҳои пешгирикунандаи зидди сел ва обхезӣ | КҲФваМГ, АБЗО, ВЭЗО, МИМҲД | 2025-2027 | 81769,6 | Дар доираи маблағҳои пешбининамудаи буҷети давлатӣ ва маблағҳои шарикони рушд |
| 38. | Гузаронидани корҳои ҷустуҷӯйӣ ва бақайдгирии давлатии захираҳои конҳои оби тозаи зеризаминӣ | СИГ, КҲМЗ, ВЭЗО | 2027 | 7189,2 | Дар доираи маблағҳои пешбининамудаи буҷети давлатӣ ва маблағҳои шарикони рушд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 39. | Барқарор ва офиятбахшии экологии объектҳои об, аз ҷумла дарёҳои хурд | МИМХД, КХМК, АБЗО | 2025-2027 | 1212,0 | Аз ҳисоби маблағҳои шарикони рушд |
| 40. | Татбиқи лоиҳаҳое, ки ба коҳиш додани таъсири манфӣ ба объектҳои об ва оқилона истифода бурдани об нигаронида шудаанд | КҲФваМГ, АБЗО, ВЭЗО, МИМХД | 2025-2027 | 4201,6 | Аз ҳисоби маблағҳои шарикони рушд |
| | **6. ТАЪМИНИ ИЛМӢ-ТЕХНИКӢ ВА КАДРИИ КОМПЛЕКСИ ХОҶАГИИ ОБ, МАЪРИФАТСОЗӢ ВА ИТТИЛООТОНИИ АҲОЛӢ ОИД БА МАСЪАЛАҲОИ ИСТИФОДА ВА ҲИФЗИ ОБЪЕКТҲОИ ОБ** | | | | |
| 41. | Ташкил ва гузаронидани корҳои илмию тадқиқотӣ ва таҷрибавию конструктивие, ки ба дурнамо ва талаботи стратегии рушди соҳаи об ҷавобгӯ мебошанд | АМИТ, ИМОГЭ, ВЭЗО, АБЗО | 2025-20267 | 3878,4 | Дар доираи маблағҳои пешбининамудаи буҷети давлатӣ ва маблағҳои шарикони рушд |
| 42. | Таҳияи реҷаи обёрии зироатҳои кишоварзӣ дар шароити тағйирёбии иқлими Ҷумҳурии Тоҷикистон | ВЭЗО, АМИТ, ИМОГЭ, ВК | 2025-2027 | 4241,6 | Дар доираи маблағҳои пешбининамудаи буҷети давлатӣ ва маблағҳои шарикони рушд |
| 43. | Ташкил ва гузаронидани корҳои илмию тадқиқотӣ оид ба омӯзиши нестшавии пиряххои Тоҷикистон ва таъсири он ба ташаккулёбии захираҳои оби дарёҳо | АМИТ, ИМОГЭ, ВЭЗО | 2026-2027 | 989,8 | Дар доираи маблағҳои пешбининамудаи буҷети давлатӣ ва маблағҳои шарикони рушд |
| 44. | Омӯзиши хафҳои кӯли Сарез ва имкониятҳои истифодаи оби он | АМИТ, ВЭЗО, ИМОГЭ | 2026-2027 | 1070,6 | Аз ҳисоби маблағҳои шарикони рушд |
| 45. | Амалӣ намудани чорабиниҳое, ки ба маърифатсозӣ ва иттилоотонидани аҳолӣ оид ба истифода ва ҳифзи объектҳои об нигаронида шудаанд | ВМИ, ВФ, ВЭЗО, АБЗО | 2025-2027 | 3636,0 | Дар доираи маблағҳои пешбининамудаи буҷети давлатӣ ва маблағҳои шарикони рушд |
| 46. | Ташаккули талаботи тахассусӣ ба кормандони соҳаи об, ки ба эҳтиёҷоти стратегии рушди соҳаи об мувофиқанд ва ба такмили низоми омодасозӣ ва рушди захираҳои кадрӣ нигаронида шудаанд | ВМИ, ВЭЗО, АБЗО | 2025-2027 | 1090,8 | Дар доираи маблағҳои пешбининамудаи буҷети давлатӣ ва маблағҳои шарикони рушд |

| | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|
| 47. | Татбиқи чорабиниҳо барои азнавомӯзӣ ва баланд бардоштани тахассуси кадрҳои соҳаи об дар асоси гузариш ба баҳисобгирии шахсӣ ва маблағгузорӣ, ташкили модулии барномаҳои омӯзишӣ | ВМИ, ВЭЗО, АБЗО | 2025-2027 | 2048,3 | Дар доираи маблағҳои пешбининамудаи буҷети давлатӣ ва маблағҳои шарикони рушд |
| 48. | Беҳтар намудани иқтидори омӯзишӣ, илмию техникӣ ва омӯзгории муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки мутахассисонро барои соҳаи об омода менамоянд | ВМИ, ВЭЗО, АБЗО | 2025-2027 | 1381,7 | Дар доираи маблағҳои пешбининамудаи буҷети давлатӣ ва маблағҳои шарикони рушд |
| | **7. МОНИТОРИНГИ АМАЛИСОЗИИ СТРАТЕГИЯИ МИЛЛИИ ОБИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН БАРОИ ДАВРАИ ТО СОЛИ 2040** | | | | |
| 49. | Ташкили системаи мониторинги амалисозии Стратегияи миллии об | ВЭЗО | 2025 | 363,6 | Аз ҳисоби маблағҳои шарикони рушд |
| | **Маблағи умумӣ (ҳаз.сом)** | | | **13 245 789.3** | |